Д. КАМОЛИТДИНОВА

# ИНФОРМАТИКА

**Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 5-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ**

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ кардааст*

# 5




ТОШКАНД
«O‘ZBEKISTON»
2016

УДК: 004(075)
ББК 32.81
К 18

«Аз ҳисоби Бунёди мақсадноки китоби
республика чоп шудааст»

Зери таҳрири умумии доктори фанҳои педагогика,
профессор **Н.И. Тойлоқов**

М у қ а р р и з:

**Г.Ҷ. Эргашева** — муаллими калони фанни информатикаи Институти бозтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои педагогии шаҳри Тошканд.

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

 Саволҳо доир ба мавзӯъ

 Машқҳо

 Инро дар хотир доред!

ISBN 978-9943-01-848-8

© Д. Камолитдинова, 2012, 2016
© ХЭТН «O‘ZBEKISTON», 2012, 2016

# САРСУХАН

## Донишомӯзони азиз!

Дар ин замон, ки фан ва техника, хусусан технологияҳои ахборот бошиддат ривоҷ меёбанд, ҳар як инсон дар ҳаёти худ бояд соҳиби дониш ва малакаҳои муҳим шавад.

Барои ба ҳаёти мустақил қадами боэътимод гузоштан, бо тағйирот ва навигариҳое, ки дар атрофи мо содир мешаванд, ҳамнафас шуда зистан, ҳар як донишомӯз бояд соҳиби дониш ва малакаҳои зерин бошад:

— дар ҷустуҷӯи донишҳои нав шудан;

— дар ҳалли супориш, масъала ва машқҳо дар ҳамкорӣ бо ҳамсолон кор бурдан;

— соҳиби дониш шудан, дар ҳалли супориш, масъала ва машқҳо аз компютер истифода бурдан.

Дар синфи 5 бори аввал фанни «Информатика»-ро меомӯзед. Дар дарсҳои Информатика Шумо мафҳумҳои навро ёд мегиред, дар иҷрои масъала ва машқҳо аз компютер истифода мебаред.

Умедворем фанни Информатика барои дурусттар фаҳмидани ҳодисаҳое, ки дар атроф, дар пеши назаратон содир мешаванд, дар соҳиб шудан ба донишҳои нав наздиктарин мададгори Шумо хоҳад шуд.

## ДАРСИ 1. ҚОИДАҲОИ ТЕХНИКАИ БЕХАТАРӢ ВА ТАЛАБҲОИ САНИТАРӢ-ГИГИЕНӢ

Донишомӯзони азиз! Дарсҳо аз фанни Информатика дар синфи компютер мегузарад. Супоришҳои амалиро, ки дар ин китоби дарсӣ дода шудаанд, бевосита бо ёрии компютер иҷро мекунед.

Компютер ҳам чун дигар ҷиҳозҳои электрӣ бо ёрии нерӯи барқ кор мекунад. Нерӯи барқ хеле боэҳтиёт кор карданро талаб мекунад.

Истифодаи нодуруст аз сохторҳо дар синфи компютер мумкин ба сӯхтор, ҳодисаҳои нохуш ва дар натиҷа ба зарар дидани саломатии инсон, инчунин вайрон шудани ҷиҳозҳои компютер оварда расонад.

Ба мақсади пешгирии чунин ҳолатҳо, риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва талабҳои санитарӣ-гигиенӣ талаб карда мешавад.

### Қоидаҳои техникаи бехатарӣ




**1)** бе иҷозати муаллим худсарона компютерро ба кор андохтани донишомӯз;

**2)** ба хонаи компютер бо либоси болоӣ даромадан;




**3)** даст расонидан ба манбаъҳои барқ ва симҳои пайвандӣ;

**4)** худсарона бо таъмири компютер машғул шудан;




**5)** даст расондан ба экрани компютер, тоза кардани компютери кор кардаистода;

**6)** бе назорат гузоштани компютери вақти зиёд кор кардаистода;

7) истифодаи дигар асбобҳои барқӣ ва гармкунӣ дар паҳлӯи компютер;
8) дар назди компютер ғизо хӯрдан, об нӯшидан;




9) ба синфи компютер даровардани ашёҳои зудсӯз ва моддаҳое, ки ба элементҳои дохилии сохторҳо таъсири манфӣ мерасонанд (кислота, моддаҳои дар таркиби худ хлор дошта);
10) клавиатура ва мушаки компютерро бо дастони тар кор фармудан;
11) бо истифодаи зӯрӣ ба кор андохтани клавиатура ва мушаки компютер;
12) бе иҷозат хомӯш кардани компютер ва ҷамъбаст кардани кор.

!

**Барои он, ки дар ҷараёни истифода аз компютер ҳодисаҳои нохуш рӯй надиҳанд ва ба саломатии Шумо зарар нарасад, ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ бечуну чаро риоя кунед!**

## Талабҳои санитарӣ-гигиенӣ

Дар хотир доред, ки ҳангоми кор бо компютер талабҳои зарурӣ риоя нашаванд, ба саломатии инсон зарар расиданаш мумкин. Хусусан, чашм, низоми гардиши хун, фаъолияти майнаи сар, сутунмӯҳра заиф шуда, боиси пайдо шудани касалиҳои гуногун мешавад.

Барои пешгирии онҳо ва зарар нарасонидан ба саломатӣ ҳангоми кор бо компютер ба талабҳои зерин риоя кунед ва инҳоро аз хотир набароред:

1) аз мизи компютер 20 см дуртар шинед;

2) чашматон аз монитор 50—60 см дуртар бошад, дар ҳар 20—30 дақиқа ба чашм дам диҳед ва рӯзи корӣ бо компютер бояд аз 180 дақиқа зиёд нашавад;




3) кунҷи байни китф ва оринҷ бояд 90°—120°-ро ташкил кунад;

4) дар назди компютер қомат бояд рост нигоҳ дошта шавад;

5) кафи пой бояд пурра ба фарш расида истад;

6) кафи даст ва ангуштҳоро озод нигоҳ доред;

7) даст бояд аз тана дар масофаи наздик нигоҳ дошта шавад;

8) ҳолати зону бояд 90°-ро ташкил кунад;

!

**Дар назди компютер нодуруст нишастан — ба пайдо шудани дард дар сутунмӯҳра ва тез монда шудани шахс сабаб мешавад.**

**Барои зарар надидани саломатӣ, ҳангоми истифода аз компютер машқҳои чашм ва машқҳои ҳаракатро иҷро карда истед!**

**Машқи 1.** Мушакҳои чашмро 4 сония сахт пӯшида истед, баъд кушода, 6 сония ба дур нигоҳ кунед. Ин машқро 3—4 маротиба такрор кунед.

**Машқи 2.** Нигоҳатонро 4 сония ба нӯги бинӣ равон кунед, баъд 6 сония ба дур нигоҳ кунед. Ин машқро ҳам 3—4 маротиба такрор кунед.

**Машқи 3.** Сарро натофта нигоҳатонро аввал ба рост равон кунед ва ҳамин ҳолатро андак нигоҳ дошта истед, баъд рост ба пеш нигоҳ карда, 6 сония ба дур нигоҳ кунед. Айнан ҳамин машқҳоро ба тарафи чап, боло ва поён нигоҳ карда иҷро кунед. Машқро бо ҳисоби 1—6 такрор кунед.

**Машқи 4.** Нигоҳро аз қисми болои тарафи рости чашм ба таври диагонал ба қисми пасти чап гузаронед, баъд 6 сония ба дур ниоҳ кунед. Айнан ба ҳамин усул фақат нигоҳро аз қисми болои тарафи чап ба қисми пасти рост гузаронед ва 6 сония ба дур ниоҳ кунед. Ин машқро 3—5 маротиба такрор кунед.

## Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ

1. Донистани қоидаҳои техникаи бехатарӣ барои чӣ лозим?
2. Кадом қоидаҳоро доир ба нерӯи барқ медонед?
3. Барои дуру дароз хизмат кардани ҷиҳозоти синфи компютер ба кадом қоидаҳо риоя кардан зарур аст?
4. Иҷро накардани талабҳои санитарӣ-гигиенӣ чӣ гуна оқибатҳо дорад?
5. Риоя накардан ба тартиби ба кор андохтан ва анҷоми кори компютер ба кадом ҳолат оварданаш мумкин?

## Машқҳо

1. Мувофиқи мазмуни ҷумлаҳои зерин ба ҷойи нуқтаҳо калима монед:

А. Ҳамаи асбобҳои электр бо ёрии ... ... кор мекунанд;

Б. Ҳар як донишомӯз бояд, ки қоидаҳои ... ... ва талабҳои ... ... -ро донад ва ба онҳо риоя кунад!

В. Бе иҷозати ... даромадан ба синфи компютер ва худсарона ... ... ... компютер манъ карда мешавад.

Г. Чашмҳо аз монитор бояд, ки камаш ... — ... см дуртар бошанд ва ба онҳо дар ҳар ... дақиқа дам додан лозим.

2. Ҷавобҳои ба қоидаҳои сутуни чап мантиқан мувофиқро аз сутуни рост интихоб карда ҷадвалро пур кунед.

| | |
|---|---|
| 1. | Тугмаҳои мушак ва клавиатура сахт пахш карда шаванд, онҳо ... |
| 2. | Ба манбаҳои нерӯи барқ ва симҳои пайвастӣ аз рӯйи беэҳтиётӣ даст расад, ... |
| 3. | Нодуруст нишастан ба мизи кории компютер, ... |
| 4. | Ба экрани компютер аз масофаи муқарраршуда наздик нишаста кор кардан, ... |

| | |
|---|---|
| а. | барқ мезанад. |
| б. | ба чашм зарар мерасонад. |
| в. | тез аз кор мебароянд. |
| г. | донишомӯзро зуд монда мекунад ва боиси ривоҷи нодурусти тана мешавад. |

3. Қоидаҳои техникаи бехатарии истифодаи асбобҳои барқӣ ва ҷиҳозҳои хонаатонро тартиб диҳед ва навишта гиред.

4. Барои рӯй надодани сӯхтор дар хонаи компютер ба чӣ бояд эътибор диҳем.

5. Мувофиқ ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва талабҳои санитарӣ-гигиенӣ расм кашида биёед.

## ДАРСИ 2. КОМПЮТЕР. СОХТОРҲОИ АСОСИИ КОМПЮТЕР ВА ВАЗИФАИ ОНҲО



*Расми 1.*

Ба ***компютерҳои шахсӣ,*** ки яке аз кашфиётҳои бузурги инсоният мебошад, дар солҳои 40-уми асри XX асос гузошта шуда, имрӯзҳо навъҳои гуногуни он кор карда шудаанд. **Компютер** калимаи англисӣ ***(computer)*** буда, маънои ***«ҳисобкунанда»***-ро ифода мекунад.

Ба туфайли дар ҳаёти ҳаррӯзаи инсоният вазифаҳои муҳимро иҷро кардани компютер эҳтиёҷ ба он рӯз ба рӯз меафзояд. Чунки бо ёрии компютер вазифаҳои гуногун ба монанди ***ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, нигоҳ доштан, аз нав кор кардан ва гусел кардани*** ахборотро бо осонӣ ва ба зудӣ ба амал баровардан мумкин *(расми 1)*.

Якчанд намуди компютерҳои замонавӣ мавҷуд мебошанд *(расми 2)*.

| **Компютери рӯимизӣ** (*англ.* Desktop) | **Компютерҳои портативӣ** | | |
|---|---|---|---|
| | **Ноутбук** (*англ.* Leptop) | **Нетбук** | **Компютери киссагӣ** |
|  |  |  |  |

*Расми 2.*

## Сохторҳои асосии компютер

Компютери замонавӣ аз сохторҳои асосии зерин иборат аст *(расми 3)*:




*Расми 3.*

**1. Блоки системавӣ** — сохторе, ки дар худ якчанд сохторҳои мураккабро ҷамъ оварда дар ғилофи ҳимоявӣ ҷой гирифтааст. Дар он сохторҳои муҳим ба монанди платаи асосӣ, протсессор, хотира, диски сахт ҷойгир шудаанд.



*Расми 4.*

**Платаи асосӣ** — аз схемаҳои электронӣ иборат аст ки дар асоси яклухт ҷойгиранд. Ба он хотира, протсессор ва дигар сохторҳо пайваст мешаванд *(расми 4)*.



*Расми 5.*



*Расми 6.*

**Протсессор** — сохтори асосии компютер ба ҳисоб рафта, ҳамаи дигар сохторҳоро идора мекунад *(расми 5)*.

**Диски сахт** — сохтори хотира, ки маълумотҳоро нигоҳ медорад *(расми 6)*.



*Расми 7.*

**Хотираи тезкор** — ҳангоми кор кардани компютер маълумотҳоро муваққатан нигоҳ медорад *(расми 7)*.

**2. Монитор** (лотинӣ — маъноҳои хотиррасон, хабардиҳанда, мушоҳидакунандаро ифода мекунад) — сохторе, ки матн, графика ва дигар намудҳои маълумотро дар экран инъикос мекунад. Якчанд намуди монитор вуҷуд дорад *(расмҳои 8, 9, 10)*:



*Расми 8.*
Трубкадори
нурии электронӣ



*Расми 9.*
Панелҳои
плазмавӣ



*Расми 10.*
Моеи кристаллӣ
JK (LCD)



*Расми 11.*

**3. Клавиатура (маҷмӯаи тугмачаҳо)** — аз тугмачаҳо иборат буда, бо ёрии он маълумотҳоро ба хотираи компютер даровардан ва идора кардан мумкин *(расми 11)*.

Ғайр аз сохторҳои асосӣ компютер **сохторҳои иловагӣ** ҳам дорад. Компютер бе сохторҳои иловагӣ ҳам кор карда метавонад, аммо бе онҳо маълумотҳоро чоп карда, нусха бардошта ё гусел карда намешавад.

Ба компютер сохторҳои иловагии зеринро пайваст кардан мумкин:

- мушаки компютер — сохтор барои идоракунии компютер;
- принтер — сохтор барои чоп кардани маълумотҳо;
- дискгардон — сохтор барои хондани компакт-диск CD (Compakt Disk) ва DVD (Digital Video Disk);
- сканер — сохтор барои ба хотираи компютер даровардани тасвир ва матнҳои рӯйи коғаз;
- баландгӯякҳо — сохтор барои шунавонидани маълумотҳои овозӣ.

| Мушаки компютер | Принтер | Дискгардон | Сканер | Баланд-гӯякҳо |
|---|---|---|---|---|
|  |  |  |  |  |

**Қоидаҳои ба кор даровардан ва хомӯш кардани компютер**

Барои бардавом хизмат кардани компютер дуруст ба кор андохтан ва пайдарҳамии анҷоми кор дар он хеле муҳим аст.

Пеш аз ба кор андохтани компютер ба ҳам пайваст будани ҳамаи сохторҳоро санҷидан зарур.

***Компютер ба тартиби зерин ба кор андохта мешавад:***

① компютер ба манбаи барқ пайваст карда мешавад; ② тугмачаи «Power»-и блоки системавӣ пахш карда мешавад; ③ монитор ба кор андохта мешавад.

Пас аз ба кор андохта шудани компютер, кушода шудани барномаро мунтазир мешавем.

***Компютер ба тартиби зерин хомӯш карда мешавад:***

① барномаҳои фаъол хомӯш карда мешавад; ② нишондодҳои «Пуск» ... → «Завершение работы» иҷро мешавад; ③ Монитор хомӯш карда мешавад; ④ Аз манбаи барқ ҷудо карда мешавад.

## Санаҳои таърихӣ

| | | |
|---|---|---|
| **Соли 1974** | Дар фирмаи **MITS** (Micro Instrumentation and Telemetry Systems) компютери шахсӣ ба номи **«Altair 8800»**, ки дискгардон дошт, офарида шуд. |  |

| | | |
|---|---|---|
| **Соли 1976** | Аз тарафи Стив Ҷобс ва Полл Аллен компютери сохти дастӣ **Apple I** тақдим карда шуд. |  |

| | | |
|---|---|---|
| **Соли 1977** | Компютерҳои **Apple II** бошад бисёр ширкатҳои истеҳсолиро бо мураккабии худ ҷалб мекунад ва давраи истеҳсоли **«Компютерҳои шахсӣ»**-ро оғоз мекунад. |  |

## Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ

1. Дар бораи компютер ва вазифаи он нақл кунед.
2. Компютерҳои шахсӣ аз кадом сохторҳои асосӣ ташкил ёфтаанд ва барои чӣ асосӣ ба ҳисоб меравfamiliaranд?
3. Вазифаи сохторҳои асосии компютерро нақл кунед.
4. Блоки системавӣ дар худ кадом сохторҳоро муҷассам кардааст?
5. Вазифаи протсессор ва хотираи тезкорро фаҳмонед.
6. Оё ба компютер сохторҳои ёрирасон заруранд?
7. Вазифаи принтер, сканер, плоттер аз чӣ иборат аст?

## Машқҳо

1. Ҷумларо бо калимаҳои зарурӣ пурра кунед:

А. Якчанд навъи компютер мавҷуд аст: ..., ..., ... .

Б. Компютер — аз сохторҳои ..., ..., ..., ..., ном дошта, ташкил меёбад.

В. Дар блоки системавӣ сохторҳои зерин ҷойгиранд, инҳо: ...

Г. Клавиатура — ...

Д. Навъҳои зерини монитор мавҷуданд: ...

2. Дар бораи вазифаи сохторҳои иловагии зерин маълумот навишта биёед.

|  |  |  |  |
|---|---|---|---|
| Факс | Видеопроектор | Веб-камера | Доскаи электронӣ |

3. Ҷадвалро пур кунед.

| **Сохторҳои асосии компютер** | **Сохторҳои иловагии ба компютер даровардани маълумотҳо** | **Сохторҳои иловагии аз компютер баровардани маълумотҳо** |
|---|---|---|
| | | |

## ДАРСИ 3. БАРНОМАҲОИ ИДОРАКУНИИ КОМПЮТЕР

Дар мавзӯи гузашта бо сохторҳои асосӣ ва баъзе сохторҳои иловагии компютер, вазифаҳои онҳо шинос шудем. Сохторҳои асосӣ ва иловагии компютер ба таври умумӣ қисми сахт (*анг.* **Hardware** ***hard*** — сахт, ***ware*** — ашё) номида мешавад.

Лекин, барои кори компютер худи ин сохторҳо кифоя нест. Барои кор кардани компютер фармон ва нишондодҳо, яъне барномаҳои компютер лозим мешавад. **Барномаҳои компютер** — пайдарҳамии ботартиби фармон ва нишондодҳое мебошад, ки ба забони барои компютер фаҳмо, навишта шудаанд.

Барномаҳои компютер дар навбати худ аз:

- ***барномаҳои идоракунӣ (системаҳои оператсионӣ);***
- ***барномаҳои кор бо матн;***

- ***барномаҳои кор бо расм, нақшаҳо;***
- ***барномаҳои ҳисобу китоб ва барномаҳои дигари гуногун иборат мебошанд.***

Маҷмӯи чунин барномаҳо **таъминоти барномавӣ** (*анг.* ***Software, soft*** — нарм, ***ware*** — ашё) номида мешавад.

Қисми асосии таъминоти барномавӣ — **системаи оператсионӣ** мебошад. Системаи оператсионӣ маҷмӯи барномаҳои махсус буда, вазифаи идора кардани компютер, инчунин ба роҳ мондани мулоқоти байни компютер ва одамро иҷро мекунад.

Вазифаҳои ба монанди матн офаридан, расм кашидан, ҳисоб кардан, маълумот гусел кардан бо ёрии **барномаҳои амалии** махсус ба амал баровroutarda мешавад.

Барои компютерҳои замонавӣ системаҳои оператсионии ба монанди **UNIX, LINUX, WINDOWS, MacOS** офарида шудааст. Онҳоро ба воситаи аломатҳои махсуси зерин донистан мумкин:

| | | | |
|---|---|---|---|
| MS Windows | UNIX | LINUX | MacOS |

## Системаи оператсионии Windows

Системаи оператсионии **Windows** аз тарафи ширкати Microsoft офарида шуда, дар байни истифодакунандагони компютер яке аз оммавитарин барномаҳои идоракунӣ ба ҳисоб меравад.

**Windows** — калимаи англисӣ буда, маънои «оинаҳо», «лавҳаҳо»-ро дорад. Чунин ном гирифтани системаи оператсионӣ дар он аст, ки тамоми барномаҳои он дар намуди оинаи алоҳида кушода мешавад. То ба имрӯз версияҳои гуногуни онҳо офарида шудаанд.

*Windows 3.1 Windows 95 Windows 98 Windows XP Windows Vista Windows 7*

## Мизи кории Windows

Намуде, ки ҳангоми ба кор андохтани системаи оператсионии Windows дар монитор ҳосил мегардад, «Мизи корӣ» номида мешавад. Дар «Мизи корӣ» ёрликҳои барои истифодакунанда зарур ва тез муроҷиатшаванда ҷой мегиранд:


Мой компьютер


Мои документы


Проводник


Сетевое окружение


Корзина

Дар системаи оператсионии (СО) ***Windows*** имконияти дар як вақт бо якчанд оинаҳо кор кардан мавҷуд аст *(расми 1)*.




① мизи корӣ

② оинаи барнома

③ оинаи барнома

④ оинаи барнома

*Расми 1.*




*Расми 2.*

Дар Windows кор бо оинаҳо бо ёрии мушак осон идора мешавад. Оинаҳоро ***кушодан, пӯшидан, хурд кардан, калон кардан*** инчунин ***ғеҷонидан*** мумкин. Барои ин, яке аз тугмаҳои кунҷи рости боло интихоб карда мешавад.

Барои мисол оинаи **Блокнот**-и барномаи офаридани матнро дида мебароем *(расми 2)*.

① сатри менюҳо
② сарлавҳаи оина
③ муваққатан пӯшидани оина
④ ба қади экран калон ё хурд кардани оина
⑤ тамоман пӯшидани оина, анҷом додани кори барнома
⑥ ба боло ё паст ғеҷондани саҳифа
⑦ сарҳади оина

Сол ба сол баробари сохторҳои нави барои компютер офаридашаванда барномаҳои идоракунии онҳо ҳам нав мешаванд. Масалан:

**DOPPIX** — аз тарафи барномабандҳои Ӯзбекистон офарида шуда, системаи оператсионии миллӣ ба ҳисоб меравад. Ин СО дар таркиби худ баробари барномаҳои таълимӣ маҷмӯи барномаҳои амалиро ҳам дар бар мегирад.




### Одамони машҳур

Уилям Генри Гейтс III, ки бо тахаллуси «Билл Гейтс» шинохта шудааст, 28 октябри соли 1955 дар шаҳри Сиэтл дар оилаи адвокат ва муаллим ба дунё омад. Билл аз ҷавонӣ ба фанҳои дақиқ шавқ зоҳир мекунад. Ба туфайли хотираи тавонои худ дар синф ҳамеша пешқадам буд.




Аз 13-солагӣ ба курси компютер рафта, ба барномабандӣ шавқ пайдо мекунад ва соли 1975 якҷоя бо дӯсташ Пол Аллен ширкати Microsoft-ро ташкил мекунад. Системаи оператсионии MS-DOS (Microsoft Disk Operatsion System), ки дар ширкат офарида шуд, ба онҳо комёбиҳои калон меоварад.

?

### Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ

1. Барои кор кардани компютер кадом таъминот зарур аст?
2. Ба таъминоти барномавии компютер кадом барномаҳо дохил мешаванд?

3. Барнома чист?
4. Соҳибони кадом касб аз барномаҳои компютер бештар истифода мебаранд?
5. Барои чӣ системаҳои операционӣро барномаҳои идоракунӣ меноманд?
6. Дар бораи системаи операционии Windows маълумот диҳед.
7. Дар бораи мизи кории Windows нақл кунед.

## Машқҳо

1. Дар мизи корӣ бо ёрии мушак ягон папка ё ёрликро кушоед ва доир ба кор кардан бо пиктограммаҳои -и оина малака ҳосил кунед.

2. Амалҳои тағйир додан ва ғеҷондани андозаҳои оинаро иҷро кунед.

3. Ба ҷойи нуқтаҳои сутуни чап ҷавобҳои мантиқан дурустро аз сутуни рост гирифта пур кунед.

| | |
|---|---|
| Windows — маънои ...-ро ифода мекунад. | Hardware |
| Компютерро барномаи ...идора мекунад. | Барнома |
| ... — таъминоти техникии компютер. | оинаҳо, |
| ... — таъминоти барномавии компютер. | даричаҳо |
| ... — пайдарҳамии ботартиби фармон ва | Системаи |
| нишондодҳо, ки аз тарафи инсон ба компютер дода | операционӣ |
| мешавад. | Software |

4. Сохтор ё воситаҳоеро, ки системаи операционӣ идора карда метавонад нишон диҳед ва онҳоро шарҳ диҳед:




5. Ибораи «Компютер бе барнома — аз оҳани холӣ дигар чизе нест»-ро фаҳмонед.

## ДАРСИ 4. МАФҲУМИ ФАЙЛ ВА ПАПКА

Ҳамаи амалҳои дар компютер иҷрошавандаро умумӣ гардонда, онҳоро ба се вазифаҳои асосӣ ҷудо кардан мумкин: ҷамъоварии ахборот (офаридан ё дохил кардан), аз нав кор кардани ахборот (ё аз худ кардан) ва гусел кардани ахборот.

Барои ба амал баровардани ин вазифаҳо ахборот ва барномаҳо дар хотираи компютер бо тартиби ба худ хос ташкил карда ва нигоҳ дошта мешаванд.

**Файл** — калимаи англисӣ буда, маънои «ҷузвдони ҳуҷҷатҳо», «маълумот»-ро дорад. Дар ҳаёти ҳаррӯза мо маълумотҳоро дар асоси тартиб ва қоидаҳо ташкил мекунем ва маҳфуз медорем. Масалан, маълумот дар бораи ҳар як донишомӯзи синфатон дар папкаи алоҳида нигоҳ дошта мешавад (дар як папка маълумот дар бораи якчанд донишомӯз омехта карда намешавад). Ба ҳамин монанд, папкаҳои маълумот дар бораи донишомӯзони синфатон бо папкаи маълумот дар бораи донишомӯзони дигар синф омехта карда намешавад. Мақсади асосии чунин қоидаҳои тартибдиҳии маълумот — ба осонӣ ёфтани маълумоти зарурӣ мебошад.

Дар номи файл номи сохтори компютер ва номи фармонҳоро истифода бурдан мумкин нест.

Барои нигоҳ доштани файлҳо дар хотираи компютер ба онҳо номҳои алоҳида медиҳем. Сабаби асосӣ аз он иборат аст, ки агар ба ҳар як файл номи алоҳида дода нашавад, бесарусомонӣ рӯй медиҳад.

Барои аз нав ба тартиб овардани файлҳо аз рӯйи мазмун онҳоро ба папкаҳои алоҳида ҷой медиҳем.

Пеш аз офаридани файлҳо дар компютер папкаи худро ҳосил кунед. Дар ин папка матнҳои офаридашуда, тасвир, файлҳои овозӣ ва видеои худро нигоҳ доред.

> **!** **Файл — ҳама гуна маълумот, ки дар хотираи беруна бо ягон ном нигоҳ дошта шудааст.**

Маълумотҳои дар файл нигоҳ дошташаванда метавонанд матн, барнома, тасвир, филм, мусиқӣ ва дигар маълумотҳо бошанд. Онҳо дар воситаҳои ба монанди ***дискета, тасмаи магнитӣ, диски сахт,***

***дискҳои CD ва DVD, флеш-хотира,*** ки хотираи беруна ба ҳисоб меро-ванд, дар шакли файл нигоҳ дошта мешаванд *(расми 1)*.

| | | | |
|---|---|---|---|
|  |  |  |  |
| Диски магнитии чандир | Диски лазерии (CD, DVD) | Флеш-диск | Диски сахт |

*Расми 1.*

Ҳар як файл ном дошта, он аз 2 қисм иборат мешавад: **номи файл** ва вусъатдиҳандаи он. **Вусъатдиҳандаи файл** — аз кадом навъи маълумот будани маълумоти дар файл нигоҳдошташаванда дарак медиҳад. Номи файл аз 255 то аломат зиёд нашуданаш лозим. Номи файл ва вусъатдиҳандаи он бо ёрии нуқта ҷудо навишта мешавад. Агар файлро кушодан ё аз нав кор кардан даркор бошад, ба он аз рӯйи номаш муроҷиат карда ё ҷустуҷӯ карда мешавад.

Дар компютер бо файлҳо амалҳои гуногунро иҷро кардан мумкин:

| | |
|---|---|
| • Ҳосил кардани файл | • Кушодани файл |
| • Нигоҳ доштани файл | • Нусхагирӣ аз файл |
| • Даровардани тағйирот ба файл | • Чоп кардани файл |

Бо баъзе ин амалҳо шинос шуда, малакаи бо онҳо кор карданро ҳосил мекунем.

## Кушодани файл




*Расми 2.*

Файлро бо яке аз усулҳои зерин кушодан мумкин:

1. Бо ақрабаки мушак болои файл истода, тугмаи рости мушак пахш карда мешавад ва аз контекст-менюи ҳосилшуда фармони ***Открыть*** (кушодан) интихоб карда мешавад *(расми 2).*
2. Ақрабаки мушак дар болои файл истода, тугмаи чапи мушак 2 маротиба тез пахш карда мешавад.
3. Бо ёрии ақрабаки мушак файл интихоб шуда, тугмаи ***Enter***-и клавиатура пахш карда мешавад.

## Ҳосил кардани файл

Бо ёрии компютер барои офаридани файлҳои матнӣ, тасвирӣ, видео ва дигар намуди файлҳо аз барномаи махсуси компютерӣ истифода мебаранд.

Агар компютери Шумо дар СО Windows кор кунад, дар он ҳолат аз тугмачаҳои **«Пуск»** ва ё **«Старт»** (Оғози кор)-и дар қисми чапи поёни компютер воқеъбуда, рӯйхати барномаҳои ба компютер дароварда-шударо дидан мумкин аст. Бо ёрии ҳамин тугмачаҳо барномаҳои махсуси компютерро кор фармуда, имконияти офаридани файлҳои зарурӣро чун файлҳои номбаршудаи матнӣ, овозӣ, тасвирӣ, видео ва ғайра, ба даст меоред.

Масалан, агар файли матнӣ офаридани бошед, амалҳои зеринро пайдарҳам иҷро кунед:




**Пуск → Все программы → Стандартные → → Блокнот**

Дар ин ҷо:
Пуск — Оғози кор
Все программы — Ҳамаи барномаҳо
Стандартные — Барномаҳои стандартӣ
Блокнот — Барномаи офаридани матн

Дар натиҷаи пайдарҳам иҷро кардани ин амалҳо барномаи **Блокнот** ба кор медарояд ва бо ёрии ин барнома Шумо метавонед файли матнӣ офаред.

## Ҳосил кардани папка

**Папка ё каталог** — ин соҳаи алоҳида ҷудошудаи диск мебошад, ки дар он файл ва номи файлҳо нигоҳ дошта мешавад. Дар системаи оператсионии Windows папка бо тасвираш дода мешавад.

Ба мақсади зудтар ёфтан ва бо усули қулай нигоҳ доштани файл дар папкаҳои алоҳида нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳо, мусиқӣ, расм, фотосурат ва албатта барномаи бозиҳо тавсия карда мешавад *(расми 3)*.



① папкаи файлҳои мусиқӣ ② папкаи файлҳои матнӣ

③ папкаи файлҳои видео ④ папкаи файлҳои почтаи электронӣ

*Расми 3.*

**Супориши амалӣ.** Бо ёрии ҷадвал папка офаред ва номи онро иваз кунед.

<table>
<tr><td>1. Дар қисми дилхоҳи «Мизи корӣ» тугмаи рости мушак пахш карда мешавад.</td><td></td></tr>
<tr><td>2. Дар контекст-менюи ҳосилшуда нишондодҳои<br>Создать => Папка<br>иҷро карда мешавад.</td><td>
</td></tr>
</table>

| | |
|---|---|
| 3. Ба ҷойи ибораи «Новая папка» номи дилхоҳ навишта ва тугмаи **Enter** пахш карда мешавад. *Шарҳ.* Агар номи папкаро аз нав ном гузоштанӣ бошед, тугмаи рости мушакро дар болои папка пахш кунед ва аз контекст-менюи ҳосилшуда нишондоди **Переименовать**-ро интихоб кунед. Номи навро навишта, тугмаи **Enter**-ро пахш кунед. |  |

## Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ

1. Дар хотираи компютер кадом маълумотҳо буда метавонанд?
2. Маълумотҳо дар компютер дар кадом шакл нигоҳ дошта мешавад?
3. Кадом маълумотҳоро файл гуфтан мумкин?
4. Кадом навъҳои файл мавҷуданд?
5. Чанд усули кушодани файл ва папкаро медонед?
6. Папка дар кадом ҳолат офарида мешавад?
7. Ҳосил кардани папка чӣ хел ба амал бароварда мешавад?
8. Дар мизи корӣ папка офаред ва ба он ном диҳед.
9. Кадом амалҳоеро, ки бо файл иҷро кардан мумкин аст, медонед?

## Машқҳо

1. Аз дохили ҷадвал номи воситаҳоеро, ки дар он нигоҳ доштани файл мумкин аст, муайян кунед ва ба дафтар нависед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
|  |  |  |  |  |
|  |  |  |  |  |

2. Тарҷимаи калимаҳоеро, ки дар муҳити Windows бисёр муроҷиат карда мешавад, ёбед ва ба сутуни рости ҷадвал нависед.

| Бо забони русӣ | Бо забони тоҷикӣ | Бо забони англисӣ |
|---|---|---|
| Создать | | |
| Копировать | | |
| Переименовать | | |
| Сохранить | | |
| Удалить | | |
| Вырезать | | |
| Отправить | | |
| Вставить | | |

3. Қоидаҳои ба вусъатдиҳандаи файл, каталог, ёрлиқ ва папка мансубро навишта гиред.

4. Мулоҳизаҳои зеринро давом диҳед:

А. Маълумотҳо дар ... берунаи компютер ...;

Б. Ҳама гуна файл дорои ном ва ... худ ... мебошад;

В. Файл ва папкаро ҳосил кардан, аз нав ном гузоштан, ... ...;

Г. Барои ҳосил кардани папка аз контекст-меню ... ... интихоб ...;

Д. Каталог — ... дар бораи файл ... .

## ДАРСИ 5. МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ

Дар дарсҳои гузашта Шумо бо вазифаи асосии клавиатура, мафҳуми файл ва папка, бо амалҳое, ки бо онҳо дар муҳити Windows иҷро кардан мумкин аст, шинос шудед. Ба мақсади мустаҳкам кардани донишҳои назарӣ машқҳои дар поён додашударо иҷро карда, малакаи кор карданро бо онҳо дар компютер ҳосил кунед.

Яке аз содатарин усулҳои ҳосил кардани файл офаридани матн дар барномаи **«Блокнот»** ва нигоҳ доштани он дар хотираи компютер мебошад.

**Машқи 1.** Дар асоси нишондодҳои зерин дар мизи кории Windows барномаи «Блокнот»-ро ба кор андозед ва матни додашударо чинед.




а) «Ӯзбекистон — Ватани соҳибистиқлоли ман»
б) «Бузург ва муқаддас ҳастӣ, Ватан!»
в) «Фарзанди содиқи халқу диёр бош!»

Барои дар хотираи компютер нигоҳ дошта шудани матни чиндашуда қисми «Файл» -и панели менюи барномаи **«Блокнот»** интихоб карда мешавад ва нишондоди **«Сохранить» (нигоҳ доштан)** иҷро мешавад. Дар сатри «Имя файла» (Номи файл)-и оинаи кушодашуда номи **«Ватан.txt»** навишта мешавад ва «Ok» пахш карда мешавад.

**Машқи 2.** Дар мизи корӣ папкаи **«СОЛ»**-ро ҳосил кунед ва дар дохили он аз рӯйи схема папкаҳо офаред *(расми 1)*.




*Расми 1.*

## Аз нав номгузорӣ кардани файл ва папка

**Машқи 3.** Амалҳои зеринро иҷро кунед:
— Ба папкаи ***«Сол»*** аз нав папкаи ***«Фанҳо»*** ном гузоред.
— Папкаҳои ***Баҳор, Тобистон, Тирамоҳ, Зимистон***-ро ба таври мувофиқ чоряки ***I, чоряки II, чоряки III, чоряки IV*** ном гузоред.

**Машқи 4.** Пайдарҳамии амалҳои зеринро иҷро кунед.

а) Дар Мизи корӣ папкаи «Каталог»-ро ҳосил кунед;

б) Дар папкаи «Каталог» боз папкаҳаои «Ҳуҷҷатҳо», «Мусиқӣ» ва «Расм»-ро ҳосил кунед *(расми 2)*;




*Расми 2.*

в) папкаҳои ҳосилшударо мувофиқан ба таври зерин аз нав ном гузоред *(расми 3)*:




*Расми 3.*

Монанди папка файлро ҳам аз нав номгузорӣ кардан мумкин.

### ? Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ:

1. Фарқи амалҳои ҳосил кардан ва кушодани папкаҳоро фаҳмонед.
2. Оё папка ва файлҳои номашон якхела офаридан мумкин аст?
3. Файли нав чӣ хел офарида мешавад?
4. Ба тартиб овардани маълумот гуфта чиро мефаҳмед?
5. Маълумотҳои нави дар компютер офаридашуда ба таври автоматӣ дар куҷо нигоҳ дошта мешаванд?

## Машқҳо

1. Дар бораи пиктограммаҳои дар ҷадвал додашуда маълумот диҳед.




2. Дуруст ё нодурустии фикрҳои зеринро бо аломати «✓» тасдиқ кунед:

А. Файлҳо фақат дар хотираи беруна нигоҳ дошта мешаванд.
Ҳа ___ Не __
Б. Файлро дар хотира фақат ном дода нигоҳ доштан мумкин.
Ҳа ___ Не ___
В. Дар дохили файл папка ҳосил кардан мумкин.
Ҳа ___ Не ____
Г. Папкаро ҳосил ва нест кардан, нусха гирифтан мумкин.
Ҳа ___ Не ___
Д. Дар дохили папка фақат якто папка офаридан мумкин.
Ҳа ___ Не ___

3. Дар мавзӯи «Шаҷараи оила» каталог офаред.
4. Аз рӯйи мавзӯъҳои гузашта кроссворд тартиб диҳед.

## ДАРСИ 6. ШИНОСОӢ БО КЛАВИАТУРА

Аз дарсҳои гузашта ба Шумо маълум, ки клавиатура яке аз сохторҳои асосии компютер ба ҳисоб меравад ва бо ёрии он маълумотҳоро ҳосил кардан мумкин. Дар клавиатура тамоми аломат, рақам, ҳарфҳо муҷассам шудаанд. Пас, аз пайдарҳамии ҳарфҳо калимаҳо, аз калимаҳо сатрҳо, аз сатрҳо матнҳо ҳосил кардан ва дар хотираи компютер нигоҳ доштан мумкин.

Инчунин, клавиатура воситаи иҷро кардани вазифаи мулоқоти байни инсон ва компютер ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин сабаб, ҳосил кардани малакаи кор бо клавиатура, шинос шудан бо ҷойгиршавии тугмаҳо ва вазифаҳои асосии онҳо зарур мебошад.

Вобаста аз адади тугмаҳо якчанд навъи клавиатура мавҷуд. Дар ҳар як тугма 1-то, 2-то, 3-то ё 4-то аломат (ҳарф, рақам, ишораҳо) ё фармони идоракунии курсор ҷойгир аст.

Аз рӯйи вазифаҳои тугмаҳо клавиатура ба 6 гурӯҳ ҷудо мешавад *(расми 1)*:




① тугмачаҳои алифбо-рақамдор ② тугмаҳое, ки хизмати махсусро иҷро мекунанд
③ тугмаҳое, ки курсорро идора мекунанд ④ тугмаҳои функсионалӣ
⑤ панели тугмаҳои рақамдор ⑥ индикаторҳо

*Расми 1.*

**1. Тугмаҳои алифбо-рақамдор:** аз гурӯҳи тугмаҳое иборат, ки ҳарфҳои лотинӣ, кириллӣ ё рақамҳои арабӣ нишон дода шудаанд.

Рақамҳо: 0 1 2 3 4 5 6 7 8 9. Аломатҳо: @ № ! $ & * + ( ) = / ва ҳок.

Ҳарфҳои лотинӣ ва кириллӣ: А Щ Ы Ю S Z R G L ...

Интихоби яке аз аломатҳои тугма бо ёрии тугмаи **«Alt+Shift»** ё **«Ctrl+Shift»** ба воситаи якҷоя пахш кардани тугмачаҳо иҷро карда мешавад. Бо ҳамин усул аз алифбои лотинӣ ба кириллӣ гузаштан низ иҷро карда мешавад *(расми 2)*.




*Расми 2.*

***Усули 1.*** Дар панели масъалаҳо ба пиктограммаи EN тугмаи чапи мушак пахш карда шуда, аз оинаи ҳосилшудаи интихоб забон интихоб мешавад.

Усулҳои ҳосил кардани ҳарфҳои **ӯ, ҳ, ғ, ӣ**-и алифбои кириллӣ:







щ → ӯ
«+» → ҳ
«–» → ғ
ы → қ
ц → ӣ

***Усули 2.*** Ба воситаи якҷоя кор фармудани тугмаҳои ***«Alt + Shift»*** ё ***«Ctrl + Shift»*** бо зудӣ аз як алифбо ба алифбои дигар гузаштан мумкин.

**2. Гурӯҳи тугмаҳое, ки хизмати махсусро иҷро мекунанд:**

| Номи англисии тугмачаҳо | Талаффуз | Вазифаи онҳо |
|---|---|---|
| Esc | [eskeyp] | Бекор кардани амали охир |
| Enter | [enter] | Тасдиқи фармон ё амал |
| Shift | [shift] | Аломатҳои регистри болоии клавиатураро дохил кардан |
| Caps Lock | [kaps lok] | Фақат ҳарфҳои калон навиштан |
| Control {Ctrl} | [kontrol] | Бо дигар тугмаҳо якҷоя кор фармудан |
| Alt | [alt] | Бо дигар тугмаҳо якҷоя кор фармудан |
| Back Space {BS} {?} | [bek speys] | Аломати тарафи чапи курсорро нест кардан |
| Delete {Del} | [delit] | Аломати тарафи рости курсорро нест кардан |
| Insert {Ins} | [insert] | Иваз кардани ҳарф ё аломат |

**3. Тугмаҳое, ки курсорро идора мекунанд:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Home** [houm] | Ба оғози сатр гузарондани курсор | ← | Як аломат ба пеш гузаронидани курсор |
| **End** [end] | Ба охири сатр гузарондани курсор | → | Як аломат ба қафо гузаронидани курсор |
| **PgUp** [peydj ap] | Ба саҳифаи аввал гузаронидани курсор | ↑ | Ба як сатр боло гузаронидани курсор |
| **PgDn** [peydj daun] | Ба саҳифаи дигар гузаронидани курсор | ↓ | Ба як сатр поён гузаронидани курсор |

**4. Тугмаҳои функсионалӣ** — тугмаҳои бе мушак идоракунии компютер ва иҷрои амалҳои махсус, ки барнома муқаррар кардааст:




**5. Панели тугмаҳои ёрирасон**:

**{NumLock}** — дар ҳоли фаъол будани индикатор — ***«калкулятор»***, дар ҳоли хомӯш будан вазифаи идоракунии курсорро иҷро мекунад.

**6. Индикаторҳо.**

**{Power}** — хомӯш кардани компютер;

**{PrintScreen}** — дар хотира нигоҳ дошта нусхаи тасвири ҷории экран;

**{Pause/Break}** — муваққатан боздоштани мусиқӣ, видео ва клипҳое, ки дар компютер ба кор дароварда шудаанд.

## Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ

1. Вазифаи клавиатураро фаҳмонед.
2. Клавиатура аз кадом гурӯҳи ҳарфҳо ташкил ёфтааст?
3. Фарқи тугмаҳои **«Shift»** ва **«Caps Losk»**-ро фаҳмонед.
4. Тугмаҳои идоракунии курсорро номбар кунед.
5. Вазифаи тугмаҳои функсионалиро фаҳмонед.
6. Усулҳои гузаштанро ба алифбои лотинӣ ва кириллӣ нақл кунед.

## Машқҳо

**I.** Бо ёрии барномаи **«Блокнот»** амалҳои зеринро иҷро кунед:

1. Aa Bb Cc Dd Ee Ff Gg Mm Nn Ll Oo Pp ... .
2. 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10
3. ! @ # $ % ^ & * ( ) — + < > ‘ ? «» \ | /
4. МАКТАБ, ОИЛА, ВАТАН, ТОШКАНД, ЎЗБЕКИСТОН, ИСТИҚЛОЛИЯТ
5. Ман мактаби худ, шаҳри худ, мамлакати худро дӯст медорам.
6. 400$, 50%, (як), «Экология ва ман», http://www.olam.uz., @mail.ru

**II.** Барномаи **«Блокнот»**-ро ба кор андозед. Маҳорати навиштани рақамҳои арабӣ, рақамҳои римӣ ва аломатҳоро ҳосил кунед:

1. 1-уми сентябри соли 1991 Республикаи Ўзбекистон истиқлолияти худро эълон кард.

2. Асри XXI — асри технологияҳои ахборотӣ.

3. Алломаи бузург Мусо ал-Хоразмӣ дар асри IX зиндагӣ карда, баривоҷи фанҳо аз қабили математика, информатика, астрономия ҳиссаи худро гузоштааст.

4. Донишомӯзони синфи мо ҳамаи фанҳоро 100% азхуд мекунанд.

5. Дар имтиҳон ба ман билети № 1 расид.

6. Ба алифбои римӣ рақамҳои I, V, X, L, M, C, H дохил мешаванд.

**III.** Тугмаҳои дар клавиатураи компютер ҷойгиршударо аз рӯйи вазифа ҷудо карда, ҷадвалро пур кунед:

| **Тугмаҳои хизмати махсус** | **Тугмаҳои функсионалӣ** | **Аломатҳои гуногун** | **Тугмаҳои идоракунии курсор** | **Тугмаҳои ёрирасон** |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

## ДАРСИ 7. МАШҚҲО ДАР ТРЕНАЖЁРИ КЛАВИАТУРА

Дар иҷрои вазифаҳои ба монанди тайёр кардани ҳуҷҷатҳо, навиштан ё чоп кардани хат бо ёрии клавиатураи компютер ҳам малакаи саҳв накардан ва аломатҳоро дуруст истифода бурдан талаб карда мешавад.

Барои истифодабарандагоне, ки малакаи дар компютер кор кардан надоранд ва бори аввал хоҳиши кор кардан зоҳир намудаанд, бисёр тренажёрҳои клавиатура (барномаҳои иҷрокунандаи машқ) офарида шудаанд. Аксаран чунин тренажёрҳо аз якчанд зинаҳо иборат мешаванд. Онҳо аз машқҳои сода оғоз мешаванд, шахс дар зинаи 1-ум ба натиҷаҳои хуб ноил шуда, ба иҷрои машқҳои мураккаб мегузарад. Бо ёрии машқҳои тренажёр дар ҳоли дуруст ҷойгир кардани ангуштҳои даст, истифодаи усулҳои қулай ба афзудани суръати кор муваффақ шудан мумкин.

Ба қатори чунин тренажёрҳо барномаҳои ба монанди: **Babytype, Parole, Solo, Klavtren, StarBoom!** дохил мешаванд.









## Тренажёри «STAR BOOM!»

Барномаи тренажёрии «Star Boom» (*анг.* ситорaборон) 2 машқи начандон мураккабро дар бар мегирад. Барномаи тренажёрро аз диски CD ё флеш-хотира ба хотираи асосии компютер бе ягон душворӣ кӯчондан ва истифода бурдан мумкин.

Дар экран оинаи асосии барнома кушода мешавад *(расми 1)*.




*Расми 1.*




Машқҳо ба воситаи интихоби ҳарфҳои лотинӣ ё кириллӣ ба кор андохта мешавад. Пас, имконияти иҷрои машқҳо ба забони ***ӯзбекии кириллӣ, ӯзбекии лотинӣ, тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ*** вуҷуд дорад.

**Машқи 1.** Аз навъи машқҳои содда. Ба воситаи ёфта пахш карданӣ тугмаи мувофиқ ба ҳарфҳое, ки аз қисми болоии оина меоянд, вазифа муайян карда мешавад. Бо ёрии ин машқ ҷойгиршавии ҳарфҳои клавиатура омӯхта мешавад *(расми 2)*.




*Расми 2.*

Дар иҷрои машқ албатта вақт, суръат ва адади саҳвҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Барои навомӯзон суръати 1-умро интихоб кардан маъқул аст. Баъди шинос шудан бо ҷойгиршавии ҳарфҳо, ба дигар суръат гузаштан тавсия карда мешавад.

**Машқи 2.** Матни дар экран инъикосёфтаро бехато чиндан. Машқ аз рӯйи адади аломатҳои дар вақти кӯтоҳ чиндашуда баҳогузорӣ мешавад. Боз як тарафи шавқовари машқ, аломати дуруст интихобшуда аз хати сабз ба хати ҳаворанг мегузарад, дар акси ҳол аз хати сабз намеҷунбад ва вақтро дошта меистад *(расми 3)*.




*Расми 3.*

Натиҷаи ҳарду машқро дар оинаи барнома назорат кардан мумкин. Натиҷаи умумиро бошад, ба воситаи интихоби тугмаи




муайян кардан мумкин *(расми 4)*.




*Расми 4.*

**Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ**

1. Мақсад ва вазифаи тренажёри клавиатураро фаҳмонед.
2. Боз кадом барномаҳоеро медонед, ки «Тренажёри клавиатура» номида шудаанд?
3. Машқҳои тренажёр ба истифодабарандагон чӣ хел дониш ва малака медиҳад?
4. Дар бораи барномаи «Star Boom!» маълумот диҳед.
5. Аз рӯйи чиндани матн бозии «Кӣ чаққон?»-ро гузаронед.

## ДАРСИ 8. МАШҚҲО ДАР ТРЕНАЖЁРИ КЛАВИАТУРА

Донишомӯзи азиз! Аз машқҳои дар тренажёри клавиатура иҷрокарда бомуваффақият гузашта, бо клавиатура аз наздик шинос шудани Шуморо табрик мегӯем. Чунки бо ёрии ин машқҳо ҷойгиршавии ҳарф, адад ва аломатҳоро дар тугмаҳо донистед. Маълум, ки аз ҳарфҳо калимаҳо, аз калимаҳо ҷумлаҳо, аз ҷумлаҳо бошад матнҳо ҳосил

мешаванд. Дар навиштани матн ҳатман риоя намудани фосила (пробел) дар байни калимаҳо, сархат, ҳошия ҳам ба Шумо маълум аст. Матни дар клавиатура чиндашаванда ҳам дар асоси ҳамин қоидаҳо навишта мешавад.

**Машқи 1. Диктанти электронӣ.** Барномаи **«Блокнот»**-ро ба кор андозед. Матни додашударо чинед.

## Мактаби «Боақл»

Ба наздикӣ ба як мақолаи газета чашмам афтиду бо шавқ хондам. Дар он дар бораи мактабҳои оянда фикрҳои аҷоиб гуфта шудаанд. Дар ин мактабҳо, ки ***роботҳо*** ва ***мегакомпютерҳо*** мавҷуд мешаванд, фаррош ва хизматчиён қариб ки намешудаанд. Дар тоза кардани кӯча, ҳавлӣ ва синфҳо ***робот-чангкашакҳо*** хизмат мекардаанд. Дар ҳар як синфхонаҳо бошад ***«робот-тарҷумонҳо»***, ***«робот-тренажёрҳо»*** фаъолияти корӣ пеш мебурдаанд. Шавқи манро он чиз афзуд, ки бо иштироки ин гуна роботҳо ба забони гуногун муроҷиат кардан, ҳатто мукаммал омӯхтани забон мумкин будааст. ***Доскаи шаффоф, оинаҳои вертуалии мулоқоти матритсадор*** ва ***китобҳои электронии варақгардон***, ки дар лоиҳа мувофиқи синфхонаҳои замонавӣ офарида мешудаанд. ҳайрати манро зиёдтар кард.

**Машқи 2. Саволҳои тест.** Вариатнҳои ҷавоби дурустро ба сутуни 2-юм нависед:

| | | |
|---|---|---|
| **1.** | Сохтори ба хотираи компютер даровардани маълумотро ёбед<br>А) модем; Д) монитор; В) принтер; К) клавиатура. | |
| **2.** | Кадом тугма дар байни калимаҳо фосила мегузорад?<br>А) Caps Lock; Е) Shift; Л) Пробел; Н) Tab. | |
| **3.** | Барои навиштани ҳарфи калон кадом тугма пахш карда мешавад?<br>А) Caps Lock; Б) Tab; Л) Esc; Н) Ctrl. | |
| **4.** | Тугмаҳое, ки функсияҳои махсусро иҷро мекунанд, чандо?<br>А) 10 то; И) 8 то; В) 12 то; Л) 16 то. | |
| **5.** | Бо ёрии кадом тугма ба сатри нав гузаштан мумкин?<br>Н) Tab; Д) Esc; В) Пробел; И) Enter. | |

| | | |
|---|---|---|
| **6.** | Пахши кадом тугма аломати тарафи рости курсорро нест мекунад?<br>А) Del; Л) Backspake; Н) Tab; Г) Home. | |
| **7.** | Кадом тугма курсорро ба як саҳифа паст мегузаронад?<br>А) Home; Г) PgUp; Т) PgDn; Н) End. | |
| **8.** | Кадом тугма курсорро ба сари сатр мебарад?<br>А) Ақрабак ба чап; Д) PgUp; В) End; У) Home. | |
| **9.** | Кадом тугма интихоби яке аз аломатҳои тугмаро иҷро мекунад?<br>А) CapsLock; Р) Shift; Н) Esc; Л) Пробел. | |
| **10.** | Ҳарфҳои лотинӣ дар кадом регистр ҷойгир шудаанд?<br>А) болоӣ; Д) поёнӣ; Л) миёна; Г) ҷавоб нест. | |

**Машқи 3.** Аз барномаи «Блокнот» истифода бурда, доир ба мавзӯи «Мактуб ба дӯсти ман» матн тартиб диҳед.

**Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ**

1. Дар мавзӯи «Компютерҳои оянда» ҳикоя нависед ва онро чоп кунед.
2. Дар мавзӯи «Дӯстони ман» маълумот навишта, чоп кунед.
3. Дар мавзӯи «Компютер дар ҳаёти мо» буклет тайёр кунед.
4. Аз рӯйи мавзӯъҳои гузашта кроссворд ё муаммо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 9. ИСТИФОДА АЗ КАЛКУЛЯТОРИ КОМПЮТЕР

Пеш аз офарида шудани компютерҳо одамон дар иҷрои корҳои ҳисобу китоб аз чӯт, формулаҳои математикӣ истифода мебурданд. Баъдтар, дар натиҷаи ривоҷи техникаи ҳисоббарор ва электроника машинаи ҳисоббарор офарида шуд, ки «калкулятор» ном гирифт.

Барномаи **«Калкулятор»** (*анг.* «calculator»), ки ба барномаҳои стандартии системаи оператсионии Windows дохил мешавад, имкон медиҳад аз нусхаи намуди визуалии калкулятори оддӣ истифода бурда шавад. Дар он, чун дар калкулятори оддӣ амалҳои асосии математикӣ ва вазифаҳои ҳисобу китоби муҳандисӣ иҷро карда мешавад.

Барномаи калкуляторро дар асоси пайдарҳамии зерин ба кор андохтан мумкин:







*Расми 1.*

Дар экран намуди ***оддии*** барномаи калкулятор акс мeёбад. Барои гузаштан ба намуди ***«Муҳандисӣ»*** нишондоди **«Вид»** → **«Инженерный»** интихоб мешавад. Барои баргаштан ба намуди «Оддӣ» нишондоди «Вид» «Обычный» интихоб мешавад.

Оинаи барномаи **«Калкулятор»** аз қисмҳои зерин ташкил ёфтааст *(расми 1)*:

---

① экран, ки рақамҳоро инъикос мекунад;
② майдони тугмаҳо;
③ сатри сарлавҳа;
④ сатри менюҳо.

## Иҷрои амалҳо бо ёрии меню

Барои кушодани бандҳои нишондоди Правка (Таҳрир) тугмаи чапи мушак як бор пахш карда мешавад. Дар нишондоди Таҳрир амалҳои зеринро иҷро кардан мумкин:

- **Нусхабардорӣ** (Копировать) ё (Ctrl + C);
- **Гузоштан** (Вставить) ё (Ctrl + V);
- **Дар нишондоди Вид** (Намуд) чун дар боло нишон дода шуд, амали гузаштан; ба намудҳои ***оддӣ*** ва ***муҳандисӣ*** гузаштанро иҷро кардан мумкин;
- Дар банди ***Аз рӯйи разрядҳо гурӯҳбандӣ кардани рақамҳо*** амали ададро ба монанди 600, 567, 081 — ба гурӯҳҳо ҷудо карданро ба амал баровардан мумкин.

Дар нишондоди **Справка** (Маълумот) имкони гирифтани маълумот дар бораи калкулятор мавҷуд аст.

> ! ***Ёддошт!*** **Дар барномаи калкулятор тугмаи адад ва амалҳо бо ёрии ақрабаки мушак интихоб мешаванд.**

**Машқи 1.** Барномаи Калкуляторро ба кор андохта, пайдарҳамии амалҳоро иҷро кунед ва натиҷаро нависед:

а) $123 + 670 : 8$ б) $34 \cdot 55 + 100$ в) $1229 : (785 + 444)$
г) $11 \cdot 11 - 21$ д) $67 - 44 : 22$ е) $81 : 3 \cdot 27$
ж) $120021 - 2033$ з) $400 : 4 \cdot 200$

**Машқи 2.** Машқҳои зеринро доир ба кор бо хотираи калкулятор иҷро кунед ва натиҷаро нависед:

а) $(43 \cdot 43) + (35 : 5)$ б) $(21 \cdot 11) + (3 \cdot 2)$
в) $(5 : 5) + (67 \cdot 7)$ г) $45 + (9 \cdot 3 - 7)$

**Машқи 3.** Сарфи умумии харидро дар дӯкон ва бозори деҳқонӣ ҳисоб кунед:

**Дар дӯкон:**

1. Шир — 2000 сӯм
2. Творог — 3300 сӯм
3. Йогурт — 4500 сӯм
4. Шоколад — 4000 сӯм
5. Нон — 1000 сӯм

**Дар бозори деҳқонӣ:**

1. Себ — 4000 сӯм
2. Нок — 5000 сӯм
3. Ангур — 5000 сӯм
4. Шафтолу — 4000 сӯм
5. Хурмо — 3000 сӯм

### Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ:

1. Вазифаи калкуляторро фаҳмонед.
2. Барномаи калкулятор чӣ хел ба кор андохта мешавад?
3. Интерфейси барномаи калкулятор аз кадом қисмҳо ташкил ёфтааст?
4. Аҳамияти барномаи калкуляторро фаҳмонед.
5. Дар барномаи калкулятор чӣ гуна амалҳои математикиро иҷро кардан мумкин аст?

### Машқҳо

**Машқи 1.** Ададаи дилхоҳи аз 100 камро фикр кунед ва бо ёрии калкулятор пайдарҳам занҷири амалҳоро иҷро кунед:

- адади фикр кардаатонро ба худаш зарб занед;
- ба ҷавоби ҳосилшуда адади фикркардаатонро 2 маротиба ҷамъ кунед;
- ҷавоби ҳосилшударо ба адади фикркардаатон тақсим кунед;
- аз ҷавоби ҳосилшуда адади фикркардаатонро тарҳ кунед.

Агар Шумо нишондодҳоро дуруст иҷро карда бошед, ҷавоби он бояд ба адади 2 баробар шавад.

**Машқи 2.** Адади сераҷамаи дилхоҳро фикр кунед ва дар калкулятор пайдарҳам амалҳои зеринро иҷро кунед:

- адади фикркардаатонро ба 3 зарб занед.
- ба натиҷа 9-ро ҷамъ кунед;
- ба натиҷа 15-ро ҷамъ кунед;
- аз ҷавоб 3-ро тарҳ кунед;
- натиҷаро ба 3 тақсим кунед;
- аз натиҷа адади фикр кардаатонро тарҳ кунед.

Ҷавоби Шумо бояд ба 7 баробар шавад. Агар дигар ададро фикр карда айнан ҳамин амалро иҷро кардан лозим бошад, натиҷа тағйир намеёбад. Инро чӣ хел шарҳ додан мумкин?

**Машқи 3.** Бо ёрии калкулятор аз соли ҷорӣ соли таваллуди худро тарҳ кунед. Чанд сол, моҳ, рӯз, соат ва дақиқа зиндагонӣ кардани худро ҳисоб кунед.

**Машқи 4.** Фермери тадбиркор ба сехи азнавкоркарди шир дар 1 рӯз 80 литр, дар рӯзи дуюм 75 литр, дар рӯзи 3-юм 85 литр шир супорид. Агар нархи 1 литр шир 2 ҳазор сӯм бошад, дар 3 рӯз тадбиркор чанд литр шир супоридааст?

## ДАРСИ 10. ДАР БОРАИ БАРНОМАИ PAINT

Одамон аз қадим ба санъати расмкашӣ машғул шуда, кӯшиш мекарданд, ки дар расмҳои худ қиёфаи инсон, ҳайвонҳои гуногун, воқеа ё ҳодисаҳоро инъикос кунанд. Санъати рассомии қадимаро хусусан дар бозёфтҳои бостоншиносон дар рӯйи сангҳо, тасвирҳои девор ва зарфҳои сафолӣ дидан мумкин.

Дар расмҳои поёнӣ намунаҳои асарҳои қадимӣ дода шудааст:







Асарҳои Камолиддини Беҳзод, Леонардо да Винчи, Клод Моне, Пикассо барин устодони мӯйқалам дар қатори мероси бебаҳои олами санъат ҷой гирифтаанд.







Рассомон асарҳои худро ба рӯйи матои ба ном «полотно» бо ёрии мӯйқалам офаридаанд. Онҳо ҳангоми офаридани асарҳои худ, агар мабодо ба хатогӣ роҳ диҳанд, маҷбур мешуданд кори худро аз сари нав оғоз кунанд.

Лекин, агар бо ёрии компютер дар ҷараёни кашидани расм ва тасвирҳо ба хатогӣ роҳ дода монед, ҳоҷати партофтани коғаз ё полотно нест. Компютер ба шумо имконияти нав ба нав тасвир карданро медиҳад.

Ба вуҷуд омадани техникаи компютерӣ дар ин самт имкониятҳои нав фароҳам овард ва мафҳуми «графикаи компютерӣ» пайдо шуд.

Графикаи компютерӣ — як қисми технологияи компютерӣ ба ҳисоб рафта, аз имкониятҳои он истифода бурда, тасвирро дар компютер бо ёрии барномаҳои махсус меофаранд.

!

**Муҳаррири графикӣ барномаи амалӣ мебошад, ки барои дар компютер офаридан ва аз нав кор кардани тасвирҳои графикӣ пешбинӣ шудааст.**

Ба онҳо барномаҳои ба монанди **Paint, Paint Net, Tux Paint** дохил мешаванд. Ба туфайли соддагӣ ва қулайии худ ин барномаҳо дар байни истифодабарандагони хурдсол ҳам васеъ паҳн шудааст.

## Муҳаррири графикии Paint

Барои ба кор андохтани барномаи **Paint** яке аз усулҳои зеринро истифода бурдан мумкин:

- бо ёрии қалам, мӯйқалам, рангпошак офаридани расм, тасвир ва бо ранг оро додани онҳо;
- бо ёрии хати рост, хати кaҷ, эллипс, чоркунҷа офаридани шаклҳои гуногун, ранг кардани соҳаи дохилӣ;
- тағйир додан, гардиш додани расмҳо ва нусхабардорӣ аз онҳо;
- қабул кардани файлҳои расмдор ва тағйир додани онҳо;
- бурида гирифтани соҳаи дилхоҳ;
- нигоҳ доштани расмҳо.

## Ба кор андохтани Paint

Барои ба кор андохтани барномаи **Paint** аз усулҳои зерин истифода бурдан мумкин аст:

**Усули 1.** Бо ёрии мушак дар Мизи корӣ тугмаи ба кор андохта мешавад ва дар асоси пайдарҳамии зерин ба амал бароварда мешавад:




Аз рӯйхати барномаҳои стандартии ҳосилшуда барномаи **Paint** интихоб ва ба кор андохта мешавад *(расми 1)*.

**Усули 2.** Бо ёрии ёрлиқи , ки дар Мизи корӣ ҷой гирифтааст, ба кор андохта мешавад.

**Интерфейси барномаи Paint, ки ба кор андохта шуд, аз 6 қисм иборат аст:**



*Расми 1.*

**Сатри сарлавҳа** — панели кабудранг, ки номи барнома ва файл навишта шудааст. Номи файли нав кушодашуда дар ҳолати **«Безымянный»** (Беном) мешавад.




**Сатри меню** — рӯйхати фармонҳои асосӣ, ки дар ҷараёни кор бо барнома зарур мешаванд. Ба онҳо ***Файл*** (Файл), ***Правка*** (Таҳрир), ***Вид*** (Намуд), ***Рисунок*** (Расм), ***Палитра*** (Маҷмӯи рангҳо), ***Справка*** (Маълумот) дохил мешаванд.

• Фармонҳои асосӣ, ки ба нишондоди **Файл** (Файл) дохил мешаванд:




**Файл**

Ҳосил кардани файл
Кушодани файл
Нигоҳ доштан
Чун ... нигоҳ доштан
Аз сканер ё камера
Пешакӣ дидан
Параметрҳои саҳифа
Чоп кардан
Гусел кардан
Баромадан

• Амал ва фармонҳои асосӣ, ки ба нишондоди **Правка** (Таҳрир) дохил мешаванд:




**Таҳрир**

Бекор кардан
Такрор кардан
Буридан
Нусхабардорӣ
Гузоштан
Нест кардан
Ҷудо кардан
Ба файл кӯчонидан
Аз файл гирифтан

• Амалҳои асосӣ, ки ба нишондоди **Вид** (Намуд) дохил мешаванд:




**Намуд**

Маҷмӯи асбобҳо
Палитра
Сатри ҳолат
Панели хусусиятҳои матн
Миқёс
Дидани расм

• Амалҳои асосӣ, ки ба нишондоди **Рисунок** (Расм) дохил мешаванд:




**Расм**

Инъикос / тофтан (гардонидан)
Дароз кардан / моил кардан
Иваз кардани рангҳо
Атрибутҳо
Тоза кардан
Шафати ношаффоф

• **Палитра** (Маҷмӯи рангҳо) — маҷмӯи рангҳо, ки имкони интихоб ва тағйири рангҳоро фароҳам меорад.

Нишондоди ***Изменить палитру*** (тағйир додани палитра) интихоб карда шавад, дар майдони корӣ панели рангҳо ҳосил мешавад.

**Справка** (Маълумот) — маълумотҳо оид ба гирифтани ахборот ё ёрдам дар бораи барномаи Paint ва имкониятҳои он.







## Панели рангҳо

Дар панели рангҳо 28-то рангҳои гуногун мавҷуд буда, барои ранг кардани хат ё соҳаи дохилӣ бо ранги дилхоҳ пешбинӣ шудааст.



## Сатри ҳолат

Ҷойи нуқтаҳое, ки ба ҷойи дар майдони корӣ истодаи ақрабаки мушак мувофиқ аст ва андозаи пикселии шакли офаридашавандаро нишон дода меистад. Сарҳади майдони кории Paint ба 8600×500 пиксел (нуқта) баробар аст.

## Анҷоми кор дар Paint

Якчанд усули анҷом додани барномаи Paint мавҷуд аст:

1. Меню → Файл → Выход
2. Бо ёрии пиктограммаи  дар сатри сарлавҳа.
3. Бо ёрии тугмаҳои Alt + F4.

### Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ:

1. Дар бораи усулҳои офаридани расм ва тасвирҳои қадима нақл кунед.
2. Барои офаридани расм дар компютер чиҳо заруранд?
3. Аз графикаи компютерӣ вакилони кадом соҳаҳо истифода мебаранд?
4. Кадом барномаҳо ба муҳаррири графикӣ мисол шуда метавонанд?
5. Имкониятҳои муҳаррири графикии Paint-ро шарҳ диҳед.
6. Кадом усулҳои ба кор андохтани барномаи Paint-ро медонед?
7. Интерфейси Paint аз кадом қисмҳо ташкил ёфтааст?
8. Вазифаи нишондодҳои менюи барномаро фаҳмонед.
9. «Палитра» чист?

### Машқҳо

**Машқи 1.** Барномаи Paint-ро ба кор андозед. Бо ҳамаи нишондодҳои қисми Меню шинос шавед ва ҷадвалро пур кунед:

| Ҷуфти тугмачаҳо | Функсия | Ҷуфти тугмачаҳо | Функсия |
|---|---|---|---|
| Ctrl + N | | Ctrl + Z | |
| Ctrl + O | | Ctrl + Y | |
| Ctrl + S | | Ctrl + V | |
| Ctrl + P | | Ctrl + A | |
| Alt + F4 | | Ctrl + R | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ctrl + T | | Ctrl + W | |
| Ctrl + L | | Ctrl + I | |
| Ctrl + F | | Ctrl + E | |

**Машқи 2.** Амалҳои ба кор андохтан ва анҷом додани барномаи Paint-ро иҷро кунед.

## ДАРСИ 11. ПАНЕЛИ АСБОБҲОИ PAINT ВА ИСТИФОДА АЗ ОНҲО

Аз дарси гузашта медонед, ки дар оинаи барномаи Paint ***панели асбобҳо*** мавҷуд аст. Дар панели асбобҳо 18-то пиктограммаҳои хурд ҷойгир буда, ҳар яки он вазифаи худро дорад. Пеш аз истифода аз онҳо бо ҳар як асбоб шинос мешавем.

***Ёддошт!*** **Барои истифода аз асбоби зарурии панели асбобҳо ақрабаки мушак ба болои асбоби даркорӣ гузошта шуда ва тугмаи чапи он пахш карда мешавад. Ақрабаки мушак ба майдони корӣ кӯчонида мешавад ва дар ҳоли пахш шудани тугмаи чапи он расм кашида мешавад.**



 — Расми дар майдони кории барномаи Paint кашидашударо дар шакли дилхоҳ қайд мекунад;

 — Расми дар майдони кории барномаи Paint кашидашударо дар шакли росткунҷа қайд мекунад;

 — Хаткушак (Ластик) — ба самти мушак хатҳо ё соҳаи рангшударо тоза мекунад;

 — соҳаи дохилӣ ё майдони кориро ранг мекунад;

 — ранги соҳаи дилхоҳи расмро муайян мекунад ва ҳамин рангро дар палитраи рангҳо акс карда меистад;

 — расмро ё соҳаи қайдшударо калон мекунад.

## Имкониятҳои иловагии панели асбобҳо:



ғафсии хаткушак



ғафсии хат



ғафсии мӯйқалам



ғафсии чоркунҷа

## Асбобҳои ҳосил кардани расм ва шаклҳо:

— қалам, — мӯйқалам, — рангпошак, — даровардани матн, — хати рост, — хати каҷ, — росткунҷа, — бисёркунҷа, — эллипс, — чоркунҷаи кунҷаш кунд.

## Кашидани шаклҳо бо ёрии қалам ва мӯйқалам

Фарқи қалам ва муйқалами маҳаррири графикӣ аз қалам ва мӯйқалами одӣ ҳамин, ки онҳо бо ҳаракати ангуштҳо не, балки бо ҳаракати мушак кашида мешаванд.

**Машқи 1. Чаноқи пахта.** Аз панели асбобҳо — қалам ё — мӯйқалам интихоб мешаванд. Расм дар майдони корӣ дар ҳоли пахш шуда истодани тугмаи чапи мушак кашида мешавад *(расми 1)*. Ин қисми чаноқи пахта ба ҳисоб меравад. Баъд худи пахта пайиҳам кашида мешавад (расми 2).

Бинобар ҷигарранг будани чаноқи пахта ба он ҳамин ранг дода мешавад. Барои ба амал баровардани рангкунӣ аз панели асбобҳо асбоби ранг интихоб мешавад.



— Асбоби ***Заливка*** (Ранг)-ро интихоб карда, аз панели рангҳо ранги ҷигарранг интихоб мешавад ва ақрабаки мушак ба болои чаноқ оварда шуда, тугмаи чап пахш карда мешавад *(расми 3)*.

Бо ҳамин усул нахи пахта ҳам бо ранги ҳаворанги кушод ранг карда мешавад *(расми 4)*.

**Барои ранг кардани соҳаи дохилии расми кашидашуда сарҳади соҳа бояд пурра баста бошад.**



*Расми 1.*



*Расми 2.*



*Расми 3.*



*Расми 4.*

**Машқи 2. Кашидани баҳр ва заврақча.**

Аз панели асбобҳо  — қалам интихоб мешавад. Ақрабаки мушак ба сарҳади тарафи чапи соҳа бурда мешавад. Дар ҳоли пахш будани тугмаи чапи мушак ба самти рост мавҷҳо кашида мешавад.

Паррандаҳои баҳрӣ бо ёрии  — асбоби мӯйқалам кашида мешавад. Дар муайян кардани ғафсии он бошад, панели асбобҳои иловагӣ истифода мешавад. Заврақча ҳам бо истифода аз чунин ҳолати мӯйқалам кашида мешавад.

Бо асбоби  қалам эскиз кашида шуда *(расми 5)*, бо ёрии асбоби  соҳаи дохилӣ ранг карда мешавад *(расми 6)*.



*Расми 5.*



*Расми 6.*

**Машқи 3. Манзараи табиат.** Дар иҷрои ин машқ ҳам аввал эскиз кашида мешавад *(расми 7)*, баъд бо ёрии асбоби ранг ба расм оро дода мешавад *(расми 8)*.



Расми 7.



Расми 8.

**Машқи 4. Фаслҳои сол.** Барномаи Paint-ро ба кор андозед. Майдони кориро ба 4 қисм тақсим карда, расмҳои фасли баҳор, тобистон, тирамоҳ ва зимистонро ҳосил кунед. Дар кашидани онҳо аз асбобҳои  — мӯйқалам,  — хати рост,  — ранг истифода баред.

***Ёддошт!*** **Расмҳои кашидашавандаро тез-тез нигоҳ дошта истодан лозим!**

## Нигоҳ доштани расми дар Paint ҳосил кардашуда

Барои дар хотираи компютер нигоҳ доштани расми дар Paint ҳосил кардашуда ба қисми ***«Файл»***-и сатри меню даромада, нишондоди ***Сохранить (нигоҳ доштан)*** ё ***Сохранить как (чун ... нигоҳ доштан)*** интихоб мешавад. Дар оинаи ҳосилшуда ба сатри «Номи файл» ягон ном навишта, тугмаи «Сохранить» (махфуз доштан) пахш карда мешавад. Ҳамаи файлҳои Paint бо вусъатдиҳандаи ***.bmp*** нигоҳ дошта мешавад.

### Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ:

1. Дар панели асбобҳои барномаи Paint кадом асбобҳо ҷой гирифтаанд?
2. Фарқ ва вазифаҳои асбобҳои  ва -ро фаҳмонед.
3. Вазифаи асбобҳои  — хаткушак ва  — рангро нақл кунед.
4. Фарқ ва вазифаҳои асбобҳои  ва -ро фаҳмонед.

5. Шаклҳои геометриро бо ёрии кадом асбобҳо ҳосил кардан мумкин?
6. Асбобҳои ва боз кадом имкониятҳои иловагӣ доранд?
7. Асбобҳои , ва барои чӣ лозиманд?

## Машқҳо

**Машқи 1.** Бо ёрии қалам ва мӯйқалам шаклҳои ***секунҷа, квадрат ва куб***-ро ҳосил кунед.

**Машқи 2.** Дар майдони корӣ хатҳои кандаи ба монанди -- --- --- ҳосил кунед. Аз асбоби — лупа истифода бурда, расмро калон кунед ва бо ёрии асбоби — қалам хатҳоро пайваст кунед. Маҳорат ба даст оред.

**Машқи 3.** Дар мавзӯи «Меваҳои фоиданок» расми меваҳои себ, нок, анор, лимон, апелсинро кашед ва дар бораи онҳо маълумот нависед.

**Машқи 4.** Табрикномаи «Соли нав»-ро тайёр ва чоп кунед.

# ДАРСИ 12. ИҶРОИ АМАЛҲО ДАР PAINT

## Бо ёрии асбобҳои хати рост ва хати каҷ офаридани шаклҳо

Дар дарсҳои гузашта офаридани тасвирҳои гуногунро бо ёрии — қалам ва — мӯйқалам ёд гирифтед. Баъзан дар кашидани расми дилхоҳ ин асбобҳо душворӣ ба миён оварданашон мумкин. Дар кашидани шаклҳои ҳамвор аз асбобҳои — хати рост ё — хати каҷ истифода бурдан мумкин *(расми 1, 2)*.



*Расми 1.*



*Расми 2.*




*Расми 3.*

**Машқи 1. *Шаклҳои геометрӣ.*** Аз панели асбобҳо асбоби — хат интихоб мешавад. Ба майдони корӣ гузашта, пеш аз кашидани шакл ранги он интихоб карда мешавад. Номи шакл бо ёрии асбоби **A** навишта мешавад.

Асбобҳои офаридани матн дар майдони корӣ ба кор андохта шаванд, панели имкони интихоби шрифт, ранг ва навъи матн пайдо мешавад.

Ин расми ҳосилшударо бо номи **Шаклҳо.bmp** нигоҳ дошта монед.

## Нусхабардорӣ ва гузоштани объект дар Paint

Барои нусхабардорӣ кардани ягон объект ё расми дар Paint кашидашуда асбоби интихоб мешавад ва бо ёрии мушак объект қайд карда мешавад. Баъд мушакро ба қисми **Правка** (Таҳрир)-и меню бурда, нишондоди **Копировать** (нусхабардорӣ) ба иҷро мерасад. Объекти нусхабардорӣ шударо:

- ба майдони корӣ гузоштан ва андозаашро тағйир додан;
- ба дигар файлҳои расмдор гузоштан;
- ба барномаҳои MS Word, MS Exsel, Power Point ва ғайра гузоштан;
- ба сифати файли алоҳида нигоҳ доштан мумкин.

Нусхаи гирифташуда дар ҷойи махсус бо номи bufer нигоҳ дошта мешавад. Расми нигоҳ дошташударо бо ёрии фармони **«Вставить»** аз қисми **«Правка»** ба таври дилхоҳ ба майдони корӣ гузоштан мумкин *(расми 4)*.

**Машқи 2.** Аз усули болоӣ истифода бурда, «Осмони ситоразор» ҳосил мекунем ва ин файлро бо номи **Ситора.bmp** нигоҳ медорем.



*Расми 4.*

**Машқи 3.** Ҳосил кардани расми «Ҳилол».



*Расми 5.*

Барои ҳосил кардани расми ***«Ҳилол»*** 2-то доира болои ҳам кашида мешавад. Аввал фон бо ранги кабуд оро дода шуда, баъд қирраи боло ҳам бо ранги фон ранг карда мешавад (расми 5).

### Офаридани шаклҳо бо ёрии асбобҳои росткунҷа, эллипс ва чоркунҷаи кунҷи кунд

Асбобҳои  — росткунҷа,  — бисёркунҷа,  — эллипс ва  — чоркунҷаи кунҷи кунд дар фарқ аз асбобҳои қалам, мӯйқалам ва рангпошак барои ба осонӣ кашидани тасвирҳои дорои шаклҳои геометрӣ ёрӣ мерасонанд. Ранг кардани онҳо ҳам душвор нест.



*Расми 6.*



*Расми 7.*

Барои ҳосил кардани ***доира*** ва ***квадрат*** бошад тугмаи ***Shift***-ро пахш карда истода, асбобҳои ⬭ ва ▭-ро интихоб мекунанд. Барои ҳосил кардани малакаи кор бо ин асбобҳо машқҳои зеринро иҷро кунед:

**Машқи 4.** Аз асбобҳои эллипс ва доира истифода бурда, *расмҳои 6—10-ро* ҳосил кунед.



*Расми 8.*



*Расми 9.*



*Расми 10.*

## Амалҳои инъикос, моил кардан ва гардиш додани объект дар Paint

Дар майдони кории Paint аввал шакл кашида шуда, он қайд мешавад ва амалҳои
***Рисунок → Отразить/ повернуть*** ё ***Растянуть/ наклонить*** иҷро мешавад.




**Машқи 5. Саҳрои занбӯруғ.** Бо ёрии асбобҳои ⌇ — хати кац ва ╲ — хати рост танаи занбӯруғро ҳосил кунед.

Сарпӯши занбӯруғро ба воситаи нест кардани ним қисми доира ҳосил кунед ва ранг кунед *(расми 11)*.



*Расми 11.*

Занбӯруғи ҳосилшударо бо ёрии асбоби қайд кунед, нусхаи онро гирифта, дар ҳоли ба иҷро расондани амалҳои инъикос, моил кардан ва гардиш додан тасвири зеринро ҳосил кунед *(расми 12)*.



*Расми 12.*

## Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ

1. Бо ёрии асбобҳои — хати рост ва — хати каҷ кадом шаклҳоро кашидан мумкин?
2. Бо ёрии асбобҳои — росткунҷа ва — эллипс кадом усулҳои ба зудӣ ҳосил кардани квадрат ва доираро медонед?
3. Дар қисми **Рисунок** → ***Отразить/повернуть*** кадом амалҳоро иҷро кардан мумкин аст?
4. Дар қисми **Рисунок** → ***Растянуть/наклонить*** кадом амалҳоро иҷро кардан мумкин аст?
5. Пайдарҳамии амалҳои нусхабардорӣ ва гузоштанро дар Paint шарҳ диҳед.
6. Дар мавзӯи «Киштҳои полизӣ» расм кашед.
7. Дар мавзӯи «Нақшҳои миллӣ» расм кашед.

## Машқҳо

**1. Вазифаи эҷодӣ. Архитектори ҷавон.** Ин вазифаро ба воситаи инъикос ё майл кунонидани баъзе тарафҳои хона ҳосил кунед.



Расми ҳосилшударо бо номи «Якумин лоиҳаи ман» нигоҳ доред.

**2. Вазифаи эҷодӣ.** Тасвири компютер, сохтори компютер ва воситаҳои нигоҳ доштани маълумотро офаред.

# ДАРСИ 13. АЗ НАВ КОР КАРДАНИ РАСМҲО ДАР PAINT

Дар мавзӯъҳои гузашта имкониятҳои тағйир додан ё аз нав кор кардани расмҳо дар муҳаррири графикии Paint таъкид шуд. Ин гуна имкониятҳо дар дигар муҳаррири графикӣ ҳам мавҷуд аст. Аз ҳамин сабаб дониши амалӣ ва малакаҳо, ки дар мавзӯи нав дода мешавад, мумкин барои кор дар барномаҳои мураккаб дар оянда замина шавад.

## Аз нав кор кардан ё тағйир додани расмҳо дар Paint чӣ тавр иҷро мешавад?

Дар барномаи Paint барои тағйир додани расмҳо аввал онро дар майдони корӣ кушодан зарур аст. Инро бо яке аз усулҳои зерин иҷро кардан мумкин.

***Усули 1.*** Аз байни файлҳои расмдори дар компютер мавҷуд ягон файл интихоб карда шуда, бо ёрии мушак қайд карда мешавад.

Тугмаи рости мушак пахш карда мешавад ва контекст-меню ҳосил карда мешавад. Аз рӯйхат банди **«Открыть с помощью»** интихоб мешавад.

Аз байни рӯйхати барномаҳои пешниҳодшуда **Paint** интихоб мешавад.

***Усули 2.*** Барномаи Paint ба кор андохта мешавад. Дар панели меню ба қисми ***«Файл»*** даромада, нишондоди ***«Открыть»*** ё нишондоди ***«Правка»*** → ***«Вставить из файла»*** интихоб мешавад. Аз байни папка ё файлҳои оинаи ҳосилшуда ягон файли расмдор интихоб карда шуда, тугмаи ***«Открыть»*** пахш карда мешавад.

Ба расми дар майдони кории **Paint** кушодашуда бо ёрии асбобҳо ва рангҳо тағйиротҳои гуногун даровардан, расм ё лавҳаҳоро гузоштан мумкин.

**Машқи 1. Ҳосил кардани муқоваи дафтар.**

1) Барномаи Paint-ро ба кор андозед. Ба қисми **«Файл»**-и меню даромада, банди **«Открыть»**-ро интихоб кунед. Аз байни рӯйхати ҳамаи папка ва файлҳои оина папка ё файли расмдорро ёбед, қайд кунед ва тугмаи **«Открыть»**-ро пахш кунед *(расми 1)*;

2) Аз панели асбобҳои Paint асбоби  — дохил кардани матнро интихоб карда, ба соҳаи бо хатҳои штрих қайдшуда ҷумлаи «Дафтари қоидаҳои ҳаракати роҳ»-ро дохил кунед *(расми 2)*;

3) Рангҳои хатро тағйир диҳед ва ба қисми дилхоҳи расми шафат гузоред.



*Расми 1.*




*Расми 2.*

**Ба расми дар Paint кушодашуда ғайр аз матн расми ҳаҷман хурд ё лавҳаи расми буридашуда (фрагмент)-ро ҳам гузоштан мумкин.**

**Машқи 2. «Табиатро эҳтиёт кунед».** Дар иҷрои ин машқ расме, ки манзараи ***саҳро*** ё ***чӯл*** дорад, интихоб мешавад. Аз усулҳои болоӣ истифода бурда, расм кушода ва ба майдони кории **Paint** гузошта мешавад. Ин расм вазифаи шафатро иҷро мекунад *(расмҳои 12, 13)* (www.rtm.uz/informatika/Rasm).

Барои гузоштани расм ё лавҳаи расми буридашуда ба шафати интихобшуда ба қисми ***«Файл»***-и меню даромада, нишондоди ***«Вставить из файла»*** аз банди **«Открыть»** ё ***«Правка»*** интихоб мешавад. Аз байни ҳамаи расмҳои рӯйхат файли расми зарурӣ интихоб шуда, нишондоди ***«Открыть»*** ба иҷро мерасад.



*Расми 3.*



*Расми 4.*



*Расми 5.*



*Расми 6.*

Барои ба ҳолати **«шаффоф»** гузарондани шафати ақиби расми ба кунҷ гузошташуда дар панели асбобҳо ҳолати 2-и расми 9 интихоб мешавад.



*Расми 7.*




*Расми 8.*




*Расми 9.*

Акнун расми  *(расми 8)* дар кунҷи чапи болоии майдони корӣ гузошташударо дар ҳоли пахш карда истодани тугмаи чапи мушак, ба қисми дилхоҳи шафат гузарондан мумкин. Бо интихоб шудани ҷойи расм, тугма сар дода мешавад *(расми 9)*.

Барои нусхабардории расм ё лавҳа, онро бо ёрии асбоби  қайд карда, банди ***Копировать*** аз қисми ***Правка***-и меню интихоб мешавад *(расмҳои  10)*.




*Расми 10.*




*Расми 11.*

Аз нав гузоштани расм ё лавҳаи нусхабардоришуда бо ёрии нишондоди ***Правка→Вставить*** ба иҷро мерасад. Пайдарҳамии ин амалҳо дар гузоштани *расмҳои 3, 4, 5, 6* ҳам иҷро мешаванд.



*Расми 12.*



*Расми 13.*

**Машқи 3.** Расми **«Дунёи зери об»**-ро ҳосил кунед. Аз усули 2-юми кушодани расм *(расмҳои 14, 15)* дар Paint истифода бурда, малакаи аз нав кор кардани расмҳоро ҳосил кунед:



*Расми 14.*



*Расми 15.*



*Расми 16.*

Тасвири нави ҳосилшударо бо номи дигар нигоҳ доштан мумкин *(расми 16).*

## Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ

1. Дар бораи аҳамият ва имкониятҳои муҳаррири графикӣ чӣ медонед?
2. Аз нав кор кардани расм гуфта чиро мефаҳмед?
3. Дар Paint расмҳоро бо ёрии кадом усулҳо кушодан мумкин?
4. Бо расми дар қисми ***Правка***-и меню қайдшуда боз кадом амалҳоро иҷро кардан мумкин?
5. Дар мавзӯи «Табиатро эҳтиёт кунед» расм офаред.

## Машқҳо

1. Дар мавзӯъҳои «Экология», «Ҳайвонҳои хонагӣ» расм офаред ва чоп кунед.
2. Дар мавзӯи «Олами ҳайвонот ва растании Ӯзбекистон» расм офаред.

## ДАРСИ 14. ИҶРОИ АМАЛҲО ДАР PAINT

Донишомӯзони азиз, ба мақсади мустаҳкам кардани донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаатон, дуруст ва самаранок истифода бурдани асбобҳои барномаи Paint расмҳои зеринро ҳосил кунед ва дар иҷрои вазифаҳои эҷодӣ аз онҳо истифода баред.

**Машқи 1.** Аз асбобҳои хат, чоркунҷа, чоркунҷаи кунҷаш кунд истифода бурда, расм кашед ва амалҳои рангкуниро иҷро кунед *(расми 1)*.

**Машқи 2. Ситора ва сайёраҳо.** Пеш аз ҳосил кардани расм саҳифаи корӣ ба 2 қисм ҷудо карда мешавад: ба қисми кунҷдор ранги сурхчатоб, ба қисми боқимонда ранги сиёҳчатоб дода мешавад *(расми 2)*.

Ситораҳо бо ёрии рангпошак, сайёраҳо бошанд бо ёрии асбоби эллипс ҳосил карда шуда ва ранг карда мешаванд.



*Расми 1.*



*Расми 2.*

**Машқи 3.** Расми оид ба мавзӯи «Дизайнери хурд»-ро бо истифода аз асбобҳои  — чоркунҷаи кунҷаш кунд,  — хати рост ва  — эллипс офаред *(расмҳои 3, 4, 5)*.



*Расми 3.*



*Расми 4.*



*Расми 5.*

**Машқи 4.** Мавзӯъҳои ***«Лоиҳакаши хона»; «Лоиҳакаши автомобил»*** ва ***«Лоиҳакаши велосипед»***-ро интихоб карда, расмҳои худро офаред *(расмҳои 6, 7, 8)*.



*Расми 6.*



*Расми 7.*



*Расми 8.*

### Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ

1. Дар Paint кашидани расм аз чӣ оғоз мешавад?
2. Расмро чӣ хел ба зудӣ ва тамоман нест кардан мумкин?
3. Андозаҳои майдони кории Paint-ро чӣ хел тағйир додан мумкин?
4. Расми дар Paint кашидашударо чӣ хел нигоҳ доштан мумкин?
5. Дар Paint дар мавзӯи «Оилаи ман» тасвир офаред.

### Машқҳо

1. Нависед, ки дар натиҷаи иҷрои алгоритми зерин кадом шакл ҳосил мешавад.

а) аз панели асбобҳо  интихоб мешавад;

б) аз маркази майдони корӣ ба тарафи чап ба дарозии 200 пиксел хат кашида мешавад;

в) ба самти боло ба дарозии 100 пиксел хат кашида мешавад;

г) ба тарафи рост ба дарозии 200 пиксел хат кашида мешавад;

д) ба самти паст ба дарозии 100 пиксел хат кашида мешавад.



*а)* *б)* *в)*

2. Пайдарҳамии ҳаракатҳои иҷрочиро дар офаридани шаклҳои зерин нависед.

3. Ба яке аз мавзӯъҳои «Қаҳрамони дӯстдоштаи афсонавии ман», «Компютерҳои оянда», «Ман лоиҳакаши ҷавонам» расм кашида, чоп кунед.

## ДАРСИ 15. ДАР БОРАИ БОЗИҲОИ КОМПЮТЕРӢ

Ба ҳеҷ кас сир нест, ки намудҳои спорт ба монанди футбол, волейбол, шоҳмот, шашка ва теннис дар байни одамон муваффақият пайдо карда васеъ паҳн мешаванд. Ин гуна бозиҳои спортӣ аз қадим одамонро ақлан ва ҷисмонан обутоб медоданд. Дар қатори бозиҳои спортӣ бозиҳои маҳаллӣ ҳам, ки дар вақтҳои холӣ одамон машғул мешуданд, кам нестанд.

Бозиҳои маҳаллӣ аз насл ба насл гузашта омадаанд, лекин офарида шудани технологияҳои компютерӣ ба оҳиста-оҳиста нест шуда рафтани онҳо сабаб шуда истодааст. Аммо баъзе бозиҳои маҳаллӣ дар шакли бозиҳои миллӣ нигоҳ дошта шуда, давом мекунанд ва ҳатто такмил меёбанд. Навъҳои нави онҳо дар шакли бозиҳои ба монанди «Пасянс», «Ҷанги баҳрӣ», «Билярд», «Домино», «Шоҳмот», «Шашка» дар байни истифодабарандагон васеъ паҳн шуда, умри дубора меёбанд.

Бисёриҳо бозии **Pong**-ро аввалин бозии компютерӣ ҳисоб мекунанд. Лекин ин тавр нест. Якумин бозии компютерӣ — «SpaceWar» будааст. Фарқи ин бозӣ аз дигар бозиҳои оммавӣ дар он буд, ки имконияти бозӣ кардани ин бозӣ солҳои 60-уми асри гузашта фақат барои барномабандҳо дастрас буду халос. Мазмуни бозӣ аз он иборат аст, ки дар экран бар муқобили ҳамдигар ду киштии кайҳонӣ парвоз мекунад. Лозим буд, ки яке аз он дигарашро зада афтонад.



*Расми 1.*

Бозиҳои монандро якчанд сол пеш дар хонаҳое, ки автомат-бозиҳо мавҷуд буданд, дучор омадан мумкин буд. *(расми 1)*.

Соли 1971 Нолан Башнелл аввалин бозии компютериро бо номи ***«Compyuter Space»*** офарид ва худи ҳамон сол ин бозӣ бинобар пайдо накардани шавқи зиёд дар байни омма ба зудӣ фаромӯш шуд, яъне муаваффақият наёфт.

Пеш аз офаридани бозии нав Нолан Башнелл ба ширкати шахсӣ бо номи «ATARI» асос мегузорад. Лозим омад корро аз бозии **Pong**, ки соли 1972 офарида шуда буд, сар кунад. Вай дар ҳисоб сеюмин бозӣ буд, аммо бо машҳурии худ ***«Якумин бозии компютерӣ»*** ба ҳисоб мерафт. Мазмуни бозӣ аз он иборат буд, ки дар ду тарафи

экран калтакчаҳои ба боло ё ба ду тараф ҳаракаткунанда хиштчаҳои парвозкунандаро дар ҳоли ба бозии теннис монанд бояд мегардонданд.

Баъди чор сол Нолан «ATARI» ном ширкати худро ба 26 миллион доллар мефурӯшад. Худи ҳамон сол Стив Ҷобс ва Стив Возняк фаъолияти кории худро доир ба офаридани бозиҳои компютерӣ санҷиданӣ шуданд. Шӯҳратро бошад ба онҳо бозии **«Arconoid»** мебиёрад. Солҳои 2005 ҳам дар бисёр хонаҳои компютерӣ дар қатори ин бозӣ дигар бозиҳоро ба монанди «Mario Bross», «Zuma», «Qauke» ё «Countre Strike» дидан мумкин буд *(расмҳои 2, 3)*.




*Расми 2.*




*Расми 3.*

Барои боз ҳам шавқовартар шудани бозиҳои компютерӣ воситаҳои гуногуни ёрирасон офарида шудаанд. Масалан, приставкаҳо *(расми 4)*, ҷойстикҳо *(расми 5)*, айнаки виртуалӣ *(расми 6)*, айнакҳои 3D *(расми 7)*.



*Расми 4.*



*Расми 5.*



*Расми 6.*



*Расми 7.*

Якумин бозиҳои компютерӣ, ки монитори графикӣ истифода шудааст, соли 1980 дар компютери IBM гузошта шуда, он «FLOGGER» номида мешавад. Имрӯзҳо ширкатҳои калон ва машҳур ба монанди ***IBM, Borland Intel, Warner Bras, Disney*** доир ба истеҳсол кардани ***«Бозичаҳои компютерӣ»*** пешқадам мебошанд.

## Ҷиҳати мусбии бозиҳои компютерӣ

Имрӯзҳо бозиҳои компютерӣ баробари ривоҷи ҷаҳонбинӣ ва иқтидори бачаҳо, ба сифати воситаи тарбияи ҷиҳатҳои кашфиётчигӣ, офарандагӣ васеъ истифода мешавад. Хусусан дар соҳаи таълим барои азхуд кардани бисёр фанҳо, омӯхтани забонҳои хориҷӣ, муайян кардани қобилияти фикррониии мантиқии бачаҳо ва ривоҷ додани он барномаҳои бозиҳо саҳми калон мегузоранд.

Бозиҳои компютерӣ инчунин, дар мушоҳида кардани ҳолати ҳиссӣ ва руҳии бачаҳо ва баъзан барои ҳалли ягон муаммоҳои руҳӣ ёрӣ мерасонанд. Хусусан, назар ба ҷустуҷӯҳои охирини олимон, бозиҳои компютерӣ барои барқарор намудани ҳолати бачаҳое, ки амалиёти ҷарроҳиро аз сар гузаронидаанд, таъсири мусбӣ мерасонанд.

## Зарари бозиҳои компютерӣ

Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки вақти холии худро аз ҳад зиёд ба олами компютерӣ бахшидани бачаҳо боиси баъзе тағйиротҳои физиологӣ дар организми онҳо ва ҳатто касалиҳои ҷиддӣ мешаванд. Дар натиҷаи вақти зиёд беҳаракат нишастан, аз ҳад зиёд ба чашм зӯр додан, ҳолатҳои суст шудани қобилияти биниш, зуд монда шудан, ҳолатҳои каҷ шудани сутунмӯҳра, вайрон шудани гардиши хун дар майнаи сар ва тана, хастагии руҳӣ ва зуд асабӣ шудан мушоҳида мешавад.

Нури сунъӣ, ки аз телевизор ва компютер мебарояд, ба чашми мо таъсири зарарнок мерасонад. Хавфи калони он — доираи шавқи бачаҳо танг мешавад, ҳолати дуршавӣ аз ҳаракат ба офаридани олами шахсии худ ва ҳастии реалӣ ба вуҷуд меояд. Насиҳат ва гуфтаҳои калонсолон ба онҳо чун гапҳои зиёдатӣ ба назар мерасад ва чӣ хеле, ки набошад кӯшиш мекунад гуфтаҳои худро гузаронад. Ин ҳама яке

аз сабабҳои ба бозӣ побанд шуда, аломати тобеъгиро ба миён овардани он ба ҳисоб меравад.

Хусусан, барои ҷавонони донишомӯз дониш гирифтан, ба мактаб рафтан, ба спорт машғул шудан, ба корҳои хона ёрӣ расондан ба вазифаҳои дуюмдараҷа табдил меёбанд. Ин бошад ба ривоҷи ақлӣ ва ҷисмонии ҷавонон таъсири манфӣ мерасонад.

Донишомӯзони азиз, ба бозиҳои компютерӣ тобеъ шуда намонед!

### ? Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ

1. Дар бораи аввалин бозиҳои компютерӣ чӣ медонед?
2. Имрӯзҳо барои бозиҳои компютерӣ чӣ гуна воситаҳои ёрирасон офарида шудаанд?
3. Кадом ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии бозиҳои компютериро медонед?
4. Дар бораи турнирҳои бозиҳои компютерӣ, ки дар Ўзбекистон гузаронда шудаанд, нақл кунед.
5. Дар бораи бозиҳое, ки Шумо бозӣ кардаед, нақл кунед. Ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии онҳоро номбар кунед.

## ДАРСИ 16. БОЗИҲОИ КОМПЮТЕРӢ

Дар бораи таърихи офарида шудани бозиҳои компютерӣ, воситаҳои иловагӣ, ки имрӯзҳо офарида мешаванд, инчунин ҷиҳатҳои таъсири бозиҳои компютерӣ ба инсон, дарси гузашта маълумот гирифтед. Бозиҳои компютерӣ гуногунанд, лекин ҳамаи онҳо барои бозӣ тавсия намешаванд.

### Таснифи бозиҳои компютерӣ

**1. Бозиҳои стратегӣ. 2. Бозиҳои маҳаллӣ. 3. Бозиҳои спортӣ. 4. Бозиҳои мантиқӣ. 5. Бозиҳои имитаторӣ. 6. Бозиҳои On-Line.**

• Яке аз бозиҳое, ки дар байни истифодабарандагон шавқи зиёд бедор мекунад, **стратегияи** ҳарбӣ ё бозӣ дар мавзӯи ҷанг мебошад. Дар ин бозӣ масъалаҳои ба монанди идора кардани тамоми армия,

барои мудофиа пеш бурдани корҳои сохтмон, ба нақшагирии корҳои мустаҳкамкунӣ мавҷуд аст.

- ***Бозиҳои Arkada*** ва ***Kvest*** ба идора кардани ҷараёнҳои шавқовар, иҷро кардани вазифаҳои махфӣ ва дар давоми бозӣ бе истифода аз аслиҳа ҳал кардани муаммо нигаронда шудаанд.
- ***Бозиҳои On-Line.*** Дар ин бозӣ як кас не, балки якчанд бозингар ба воситаи шабака бозиро идора мекунанд. Ин гуна бозӣ дар бачаҳо малакаи мулоқотро ривоҷ медиҳад.
- Дар байни писарбачаҳо, албатта, бозиҳои аз қабили пойгаҳои автомобил, баъд ***бозиҳои спортӣ*** — хоккей, бокс, баскетбол, шоҳмот, голф машҳур мебошанд. Чунки дар ин бозиҳо имкони идора кардани як бозингар ё як гурӯҳи бозингарон мавҷуд аст.

***Pazl ё муаммоҳо.*** Аз силсилаи бозиҳои содда буда, барои истифодабарандагони хурдсол пешбинӣ шудааст. Дар байни онҳо бозиҳои фоиданок ва ривоҷдиҳанда ҳам кам нестанд. Ин гуна бозиҳо, бо иштироки қаҳрамонҳои мултфилмҳои бо ранги равшан кор кардашуда, барои омӯхтани дарсҳои алифбо, ҳисоб, расмкашӣ, омӯхтани забонҳои хориҷӣ пешбинӣ ва тавсия шудаанд.

Пойгаҳои ба монанди ***Бозиҳои спортӣ*** ҳам мумкин ба дараҷаи муайян барои инсон фоида расонад. Бо ёрии онҳо қоидаҳои ҳаракати роҳро омӯхтан мумкин бошад ҳам ба монанди бозиҳои спорт ба обутоби тана, ривоҷи солим ва қувват ёрӣ намедиҳад. Ба он фақат ба мақсади ғалаба муносибат карда мешавад *(расмҳои 1, 2, 3, 4)*.



*Расми 1.*




*Расми 2.*




*Расми 3.*




*Расми 4.*

***Бозиҳои «Pazl».*** Ин бозиҳо барои донишомӯзони хурдсол мувофиқ буда, рангоранг офарида шудаанд ва асосан бозии ривоҷдиҳандаи хотираи чашм ба ҳисоб мераванд. Мувофиқи шарти бозӣ, дар натиҷаи иваз кардани ҷойи меваҳо дар 3-то ҳаракат катакчаи меваҳои якхела бояд ҳосил шавад. Албатта суръати бозӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Чунин бозиҳо зеҳни бачаро тез карда, чолокиро ривоҷ доданаш мумкин.

**Бозиҳои мантиқӣ.** Бозиҳое, ки дар ҳалли ягон масъала ё муаммо аз бозингар доногиро талаб мекунанд. Барои донишомӯзоне, ки мехоҳанд қобилияти худро санҷида бинанд, ҳалли 5-то масъалаи мураккаб дар бозии «Magik Square» (квадрати сеҳрнок) тавсия карда мешавад. Чунин бозиҳоро дар муҳити On-line бозӣ кардан мумкин.

**Муаммоҳо.** Бозии ба монанди «Dupligon», ки инчунин «бозӣ-тест» номида мешавад. Ба воситаи вазифаҳои дар хотира нигоҳ доштан ва аз нав тасвир карда додании тасвире, ки дар як сония акс меёбад, қобилияти бозингар муайян карда мешавад.

### Савол ва супоришҳо доир ба мавзӯъ

1. Фарқи бозиҳои компютерӣ аз бозиҳои маҳаллӣ дар чист?
2. Бозиҳои компютериро ба кадом гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин?
3. Кадом ширкати офарандаи «Бозичаҳои компютерӣ»-ро медонед?
4. Монитори графикӣ кай ва дар кадом ширкат офарида шудааст?
5. Аз ресурсҳои Интернет истифода бурда, ҷиҳатҳои зарарнок ва фоиданоки бозиҳои компютериро ба хусусиятҳои мувофиқ ҷудо кунед:

| № | Ҷиҳатҳои манфии бозиҳои компютерӣ | Ҷиҳатҳои мусбии бозиҳои компютерӣ | Бозиҳои зарарнок |
|---|---|---|---|
| | | | |

# ДАРСИ 17. КОРИ НАЗОРАТӢ

**1. Ҳангоми кор кардан дар синфи компютер донишомӯзон кадом қоидаҳоро бояд донанд ва ба он риоя кунанд?**

а) қоидаҳои ҳаракати роҳро;
б) қоидаҳои тартиботи дохилии мактабро;
в) қоидаҳои гигиенаи шахсиро;
г) қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарӣ-гигиениро.

**2. Ҳолатҳоеро ишора кунед, ки дар синфи компютер мумкин ба сӯхтор сабаб шаванд.**

а) пас аз истифода аз асбобҳои электрикӣ ва гармкунӣ аз манбаи нерӯи барқ ҷудо накардани онҳо;
б) вақти зиёд бе назорат мондани компютер;
в) нигоҳ доштан ва истифода бурдани моддаҳои зуд оташгиранда;
г) ҳамаи ҷавобҳо дуруст.

**3. Қатореро, ки сохторҳои асосии компютер навишта шудаанд, ишора кунед.**

а) блоки системавӣ, монитор, клавиатура;
б) блоки системавӣ, монитор, клавиатура, мушак;
в) платаи асосӣ, монитор, клавиатура;
г) платаи асосӣ, монитор, мушак, клавиатура.

**4. Сохторе, ки дар платаи асосӣ ҷойгир шудааст ва кори компютерро идора мекунад.**

а) хотираи оперативӣ; б) протсессор; в) хотираи доимӣ; г) винчестер.

**5. Дар кадом қатор сохторҳои иловагии компютер нишон дода шудааст?**

а) мушак, клавиатура, баландгӯяк, наушник;
б) монитор, принтер, сканер, модем;
в) баландгӯяк, наушник, принтер, сканер;
г) клавиатура, доскаи электронӣ, факс.

**6. Номи ширкатеро, ки аввалин мушакро ихтироъ кардааст, нишон диҳед.**

а) Microsoft; б) Intel; в) Apple; г) IBM.

**7. Сохторҳоеро нишон диҳед, ки маълумотро мебароранд.**
а) баландгӯяк, принтер, монитор, плоттер;
б) сканер, микрофон, модем, проектор,
в) проектор, клавиатура, монитор, модем;
г) ҷавоби дуруст нест.

**8. Сохтореро ёбед, ки расм, матн ва тасвирҳои рӯйи коғазро ба хотираи компютер дохил мекунад.**
а) плоттер; б) сканер; в) принтер; г) модем.

**9. Кадом воситаи хотираи компютер дар шакли диск бароварда шудааст?**
а) диски магнитӣ, тасмаи магнитӣ, диски CD;
б) диски магнитӣ, диски CD, винчестер;
в) диски магнитӣ, тасмаи магнитӣ, флешка;
г) диски CD, диски магнитӣ, флешка.

**10. Маънои калимаи Hardware ...**
а) таъминоти нарм; б) таъминоти ақлӣ;
в) таъминоти барномавӣ; г) таъминоти техникӣ.

**11. Барномаҳои идоракунии компютер — ...**
а) Системаи оператсионӣ; б) MS DOS; в) Windows; г) ҳамааш.

**12. Кадом сохтор навъҳои трубкадори электронӣ, плазмагӣ ва моеи кристаллӣ дорад?**
а) монитор; б) клавиатура; в) мушак; г) принтер.

**13. Маҷмӯи маълумотҳо, ки дар хотираи берунӣ бо номи умумӣ нигоҳ дошта шудаанд — ин ...**
а) папка; б) файл; в) каталог; г) ҳуҷҷат.

**14. Тугмаҳои клавиатура аз рӯйи вазифа ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?**
а) ба 5; б) ба 6; в) ба 7; г) ба 4.

**15. Бо ёрии кадом тугма матнро фақат бо ҳарфҳои калон чиндан мумкин?**
а) Shift; б) Ctrl; в) Caps Lock; г) Alt.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. *B. Boltayev, M. Mahkamov, A. Azamatov, S. Rahmanqulova*. Informatika. 5-sinf darsligi. «O‘zbekiston», 2008.

2. *B. Boltayev, A. Azamatov, A. Asqarov, M. Sodiqov, G. Azamatova*. Informatika va hisoblash texnikasi asoslari. 8-sinf uchun darslik. – T.: нашриёти илмии давлатии «O‘zbekiston milliy ensiklopediyasi». 2015.

3. *В. Леонтьев*. Новейшая энциклопедия персонального компьютера. – М.: «Алма-пресс образование». 2005.

4. *С. Симонович, Г. Евсеев*. Общая информатика. Учебное пособие для средней школы. 5–9 класс. – М., 2009.


## ИНТЕРНЕТ-РЕСУРСҲО


1. www.Uzedu.uz
2. www.rtm.uz
3. www.urok.ru

# МУНДАРИҶА

Сарсухан .......... 3
**Дарси 1.** Қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва талабҳои санитарӣ-гигиенӣ .......... 4
**Дарси 2.** Компютер. Сохторҳои асосии компютер ва вазифаи онҳо .......... 8
**Дарси 3.** Барномаи идоракунии компютер .......... 13
**Дарси 4.** Мафҳуми файл ва папка .......... 18
**Дарси 5.** Машғулияти амалӣ .......... 23
**Дарси 6.** Шиносоӣ бо клавиатура .......... 26
**Дарси 7.** Машқҳо дар тренажёри клавиатура .......... 30
**Дарси 8.** Машқҳо дар тренажёри клавиатура .......... 33
**Дарси 9.** Истифода аз калкулятори компютер .......... 35
**Дарси 10.** Дар бораи барномаи Paint .......... 38
**Дарси 11.** Панели асбобҳои Paint ва истифода аз онҳо .......... 45
**Дарси 12.** Иҷрои амалҳо дар Paint .......... 49
**Дарси 13.** Аз нав кор кардани расмҳо дар Paint .......... 54
**Дарси 14.** Иҷрои амалҳо дар Paint .......... 59
**Дарси 15.** Дар бораи бозиҳои компютерӣ .......... 61
**Дарси 16.** Бозиҳои компютерӣ .......... 64
**Дарси 17.** Кори назоратӣ .......... 67

**Камолитдинова Д.**

К 18 Информатика: китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 5-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ. — Тошканд: Ўзбекистон, 2016. — 72 саҳ.

ISBN 978-9943-01-848-8

**УДК: 004(075)**
**ББК 32.81**

*O'quv nashri*

**D. Kamolitdinova**

# INFORMATIKA

*Umumiy o'rta ta'lim maktablarining*
*5-sinf o'quvchilari uchun darslik*

*(Tojik tilida)*

Мутарҷим *А. Тоҳириён*
Мусаввир *Ш. Йўлдошев*
Муҳаррир *З. Тоҳириён*
Муҳаррири бадеӣ *Д. Муллажонов*
Муҳаррири техникӣ *Б. Каримов*
Саҳифабанди компютерӣ *К. Голдобина*

Литсензияи нашриёт AI № 158. 14.08.2009.
Ба чопаш 17 майи соли 2016 иҷозат дода шуд. Андозаи $70\times90^{1}/_{16}$. Чопи офсетӣ.
Гарнитураи «Times». Бо усули офсет дар коғази офсет чоп шудааст.
Ҷузъи чопии шартӣ 5,27. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 5,12.
Адади нашр 6 484. Супориши № 16-268.

Агентии ахборот ва матбуот, Хонаи эҷодии табъу нашри «O'zbekiston»
100011. Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30.

Телефон: (371) 244-87-55, 244-87-20.
Факс: (371) 244-37-81, 244-38-10.
e-mail: uzbekistan@iptd-uzbekistan.uz
www.iptd-uzbekistan.uz

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби**
**ба иҷора додашуда**

| № | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |

**Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш**
**баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф**
**аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навиштаҳо ба назар намерасад. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноатбахш | Дар муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир гаштааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китоб барқарор карда ғайриимкон аст. |